Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Истаравшан
Иҷлосияи ҳафтум (даъвати чорум)

# ҚАРОР

---

аз 28.05.2011 с ш.Истаравшан №57

Дар бораи тасдиқи Барномаи

рушди иқтисодию иҷтимоии

шаҳр барои солҳои 2011-2015

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ", Маҷлиси вакилони халқи шаҳр

**Қарор мекунад**

1. "Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳр барои солҳои 2011-2015" тасдиқ карда шавад.

2. Ба раёсатҳо, шўъбаҳо, бахшҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр, ҷамоатҳои деҳот, ташкилоту муассиса, хоҷагиҳо зарур аст, ки ҷиҳати татбиқи бечунучарои Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳр барои солҳои 2011-2015 тадбирҳои судманд андешанд.

3. Ба шўъбаи иқтисод ва савдо супорида шавад, ки аз ҷараёни татбиқи Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳр барои солҳои 2011-2015 ба комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи шаҳр оид ба тараққиёти иқтисодӣ ва буҷет аз рўи ҷамъбасти ҳар семоҳа гузориш пешниҳод намояд.

4. Назорат аз ҷараёни иҷрои Қарори мазкур ба зиммаи комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи шаҳр оид ба тараққиёти иқтисод ва буҷет гузошта шавад.

**Раиси маҷлис** **Ф.Султонов**

---

**Фиристода шуд:** МВХВС, Вазорати адлия, шўъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳо, асноди дастгоҳи Раиси шаҳр ва асноди Маҷлис.

БАРНОМАИ РУШДИ
ИҚТИСОДИИ ДЕҲОТ
RURAL GROWTH PROGRAMME

Барнома бо дастгирӣ ва кӯмаки техникии Барномаи Рушди Деҳоти БРСММ, Агентии ҳамкориҳои байналмиллалии Олмон ва Департаменти рушди ҳамкориҳои байналмиллалии Британияи Кабир, таҳти сарпарастии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гаштааст.

*1. Арзиши умумии Барномаи рушди шаҳри Истаравшан аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2011-2015. (миллион сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Блоки иқтисодӣ, аз ҷумла: | 139,66 | 14,57 | 27,11 | 35,25 | 40,21 | 22,51 |
| • Кишоварзӣ | 36,4 | 1,56 | 3,33 | 5,23 | 12,54 | 13,74 |
| • Саноат | 101,92 | 13 | 23,01 | 30 | 27,4 | 8,5 |
| • СХМ | 1,34 | 0,01 | 0,77 | 0,02 | 0,27 | 0,27 |
| Блоки иҷтимоӣ, аз ҷумла: | 79,845 | 3,164 | 20,164 | 21,854 | 18,524 | 16,364 |
| • Маориф | 29,44 | 1,59 | 7,83 | 9,32 | 6,08 | 4,62 |
| • Тандурустӣ | 5,2 | 0,24 | 1,99 | 1,44 | 0,74 | 0,79 |
| • Ҳифзи иҷтимоӣ | 2,935 | 0,354 | 0,514 | 0,634 | 0,754 | 0,904 |
| • Фарҳанг, фароғат, сайёҳӣ ва варзиш | 42,27 | 0,98 | 9,83 | 10,46 | 10,95 | 10,05 |
| Инфрасохтор, аз ҷумла: | 73,61 | - | 22,45 | 19,5 | 17,3 | 24,95 |
| • Обтаъминкунӣ ва канализасия | 34,61 | - | 8,25 | 9,5 | 9,5 | 7,35 |
| • Барқтаъминкунӣ | 33,7 | - | 11,7 | 7,5 | 7,5 | 7 |
| • Нақлиёт ва роҳ | 5,3 | - | 2,5 | 2,5 | 0,3 | 10,6 |
| ҲФ ва бехатарии муҳити зист | 1,77 | - | - | - | 0,77 | 1,0 |
| Блоки идоракунӣ | 0,853 | 0,075 | 0,235 | 0,221 | 0,191 | 0,131 |
| Арзиши умумии Барнома | 295,738 | 17,809 | 69,959 | 76,825 | 76,995 | 64,955 |

*2. Сарчашмаҳои маблаггузории Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Истаравшан барои солҳои 2011-2015 (миллион сомонӣ)*

| Сарчашмаҳо | Ҳамагӣ | % аз арзиши умумӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Буҷети маҳаллӣ | 43,653 | 14,87% | 1,229 | 12,919 | 13,175 | 9,375 | 6,955 |
| Буҷети вилоят | 0,7 | 0,240% | - | 0,7 | - | - | - |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 63,005 | 21,43% | 0,55 | 13,92 | 18,31 | 15,55 | 14,9 |
| Сармояи хориҷӣ | 59,19 | 20,13% | 0,71 | 12,32 | 14,72 | 15,22 | 14,07 |
| Маблағҳои аҳолӣ | 77,42 | 26,33% | 14,82 | 15,62 | 9,39 | 7,1 | |
| Эҳтиёҷот ба маблағ | 51,72 | 17% | 0,5 | 14,48 | 21,23 | 28,98 | 28,03 |
| Ҳамагӣ: | 295,738 | 100% | 17,809 | 69,959 | 76,825 | 76,225 | 63,955 |

# Мурочиатномаи Раиси шаҳри Истаравшан ба аҳоли

***“Барномаи рушди иқтисодию ичтимоии шаҳри Истаравшан барои солҳои 2011-2015”-талаби давру замон аст.***

Истаравшан яке аз шаҳрҳои калонтарини чумҳурӣ ва маркази агросаноатию тичоратии мамлакат маҳсуб гардида, дар рушду инкишофи соҳаҳои мухталифи хочагии халқи вилояти Суғд ва дар мачмӯъ дар рушду инкишофи Чумҳурии Точикистон, саҳми назаррас дорад.

Бо фараҳмандии афзун ва ифтихор қайд менамоям, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатии Чумҳурии Точикистон тайи 20 соли охир, дар шаҳру деҳоти Истаравшан корҳои ободонию созандагӣ авч гирифта, садҳо чойҳои нави корӣ, иншооти ичтимоиву маданӣ ва муҳандисӣ ба истифода дода шуданд ва дар баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум таъсири назаррас расониданд.

Бояд тазаккур дод, ки дар даҳсолаҳои охир, теъдоди аҳолии шаҳру деҳоти Истаравшан хеле афзудааст. Агар дар соли 2000-ум шумораи аҳолии Истаравшан 186,9 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, ба санаи 1 январи соли 2011-ум шумораи аҳолии он ба 231,2 ҳазор нафар расидааст.

Афзоиши рӯзафзуни аҳолӣ, таъсири омилҳои беруна (бӯҳрони молиявию иқтисодии чаҳонӣ, норомии сиёсии минтақа) ва мушкилиҳои мавчудаи иқтисодиву ичтимоии шаҳр имрӯз моро водор месозад, ки аз усулҳои нави идоракунии маҳаллӣ ва махсусан банақшагии рушд васеъ истифода барем.

Аз ин лиҳоз, мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Истаравшан дар таҳияи “Барномаи рушди ичтимоӣ ва иқтисодии шаҳри Истаравшан барои солҳои 2011-2015” ташаббус зоҳир намуда, онро бо иштироки васеъи чомеаи шаҳрвандӣ, сектори хусусӣ ва бо кӯмаки амалии мушовирони миллии БРСММ, муттахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Чумҳурии Точикистон ва бо дастгирии техникии Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ ва Агентии ҳамкориҳои байналмиллалии Олмон, дар доираи татбиқи «Барномаи рушди иқтисодии деҳот», таҳия намуд.

Барномаи мазкур бо мақсади таъмин намудани аҳолии шаҳр бо чойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми шаҳр, пешкаш намудани хизматрасониҳои хушсифати ичтимоӣ ва ташкили инфрасохтори он, ба пуррагӣ паст намудани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани самаранокӣ ва даромаднокии иқтисодӣ тавассути муҳаё намудани фазои мусоиди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, таҳия гардидааст.

Ман, ба мушовирони миллии Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид ва кормандони Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва дигар ҳамкорон, ки дар доираи “Барномаи рушди иқтисодии деҳот” дар вилояти Суғд барои тарҳрезии ин Барномаи муҳим кӯмаки методӣ, машваратӣ, техникӣ ва молиявӣ расонидаанд, миннатдории бепоёни худро иброз менамоям.

Барномаи рушди шаҳри Истаравшан бо назардошти хусусиятҳои маҳал, дар асоси таҳлили дақиқи ҳолати воқеъии иқтисодию ичтимоии шаҳру деҳот, муайян намудани мушкилиҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо барои давраи миёнамӯҳлат таҳия гардидааст. Барномаи номбурда бо як қатор барномаҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавии амалкунанда ва “Барномаи рушди ичтимоию иқтисодии вилояти Суғд” мувофиқа ва ҳамоҳанг гардонида шудааст. Барномаи рушди Истаравшан барои чорӣ намудани муносибатҳои бозаргонӣ, истифодаи самараноки захираҳо ва имконияҳои маҳаллӣ, чалби маблағҳои сармоягузорони хоричӣ ва соҳибкорони ватанӣ пешбинӣ гардидааст.

Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан тарҳрезии «Барномаи рушди ичтимоию иқтисодии Истаравшан барои солҳои 2011-2015»-ро иқдоми саривақтӣ ва талаби давру замон дониста, чиҳати амалӣ намудани он аз тамоми воситаю имкониятҳо истифода хоҳад бурд. Ҳамзамон, барои татбиқи саривақтӣ ва самараноки он Ҳукумати Чумҳурии Точикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Чумҳурии Точикистон, Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, ташкилотҳои байналмилалӣ, сармоягузорони хоричӣ, марказҳои дастгирии чамоатҳо, иттиҳодияву ташкилотҳои чамъиятӣ, соҳибкорон ва аҳолиро барои ҳамкорӣ даъват менамоянд.

# Мундарича

**Сухани ифтитоҳии Раиси шаҳри Истаравшан ........................................................5**
**Рӯихати ихтисорот ..........................................................................................................7**
**Пешгуфтор.........................................................................................................................8**

**Боби 1. Тавсифи умумӣ ....................................................................................................9**
1.1.Сохти маъмурию ҳудудии шаҳри Истаравшан.........................................................9
1.2.Шарҳи таърихию фарҳангӣ..........................................................................................9
1.3.Шароитҳои табиию иқлимӣ ва захираҳо .................................................................10
1.4. Ҳолати демографӣ.......................................................................................................10
1.5.Тамоилҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ ...................................................................12
1.6.Биниши оянддаи шаҳр ..................................................................................................13

**Боби 2. Таҳлили ҳолати воқеӣ ва шарҳи стратегияи соҳаҳо ...........................................15**
**2.1. Иқтисодиёт**...................................................................................................................15
2.1.1. Саноат ..........................................................................................................................15
2.1.2. Соҳибкории хурду миёна ..........................................................................................22
2.1.3. Кишоварзӣ ...................................................................................................................27
2.1.4. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои иқтисодиёт.........................................................35
**2.2. Инфрасохтор ...................................................................................................................40**
2.2.1. Обтаъминкунӣ ва хизматрасониҳои рифоҳӣ...........................................................40
2.2.2. Таъминт бо барқ ва газ ...............................................................................................43
2.2.3. Нақлиёт, роҳҳо ва алоқа .............................................................................................44
2.2.4. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои инфрасохтор.......................................................47
**2.3. Иҷтимоиёт.........................................................................................................................50**
2.3.1. Тандурустӣ....................................................................................................................50
2.3.2. Маориф .........................................................................................................................54
2.3.3. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ...............................................................................................60
2.3.4. Фарҳанг, фароғат ва варзиш .......................................................................................63
2.3.5. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои инфрасохтор.......................................................67
**2.4. Ҳолатҳои фавқуллода ва ҳифзи муҳити зист.............................................................74**
2.4.1. Ҳодисаҳои фавқулодда ..................................................................................................74
2.4.2. Ҳифзи муҳити зист ........................................................................................................74
2.4.3. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои ҳифзи муҳити зист ва ҲФ ....................................76
2.4.4. Таъминоти захиравӣ ......................................................................................................77

**Боби 3. Мониторинг ва арзёбӣ .........................................................................................80**

## Рӯихати ихтисорот

| | |
|---|---|
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| DFID | Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ |
| GIZ | Агентии Олмон оид ба ҳамкории техникӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид |
| БРН | Барномаи Рушди Ноҳия |
| ГТ | Гурӯҳи ташаббускор |
| ГК | Гурӯҳи корӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| КДФОК | Корхонаи давлатии фаръии обу корезӣ |
| КВДИОН | Корхонаи воҳидии давлатии интиқоли оби нӯшокӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| НРҶ | Нақшаи Рушди Ҷамоат |
| НОБ | Нерӯгоҳи обии барқӣ |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| ММД | Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| ОКТ | Омӯзишгоҳи касбӣ - техникӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 |
| СПКСК | Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 |
| СХМ | Соҳибкории хурду миёна |
| СШН | Сирояти шадиди роҳи нафас |
| ТҒД | Ташкилотҳои ғайридавлатӣ |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |
| ШРН | Шӯрои рушди ноҳия |
| ҶСП | Ҷамияти саҳомии шакли пӯшида |
| ҶС | Ҷамъияти саҳҳомӣ |

# Пешгуфтор

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Истаравшан барои солҳои 2011-2015 (минбаъд Барнома) тибқи Барномаи номбурда дар асоси «Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи Барномаи рушди шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидораи шаҳраку деҳот», ки Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти сиёсати созандагию бунёдкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ, аз қабили Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015», «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2112», "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои давраи то соли 2015", дигар барномаҳои миллӣ ва соҳавӣ таҳия гардидааст.

Барнома аз тарафи гурӯҳи кории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан, таҳти сарварии бевоситаи Раиси шаҳр Абдуллоев И.Ғ., муовини аввали Раис Султонов Ф.У., сардори раёсати иқтисод ва савдо Саидов С. ва сармутахассиси ҳамин Раёсат Абдулхайров У. дар ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳавӣ, ҷалби васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ҷамъиятӣ тарҳрезӣ шудааст.

Ҳадафи асосии Барнома - баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ дар натиҷаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии фаъол ва устувори шаҳри Истаравшан аст. Ба он метавон тавассути дар амал татбиқ намудани самтҳои афзалиятнок ва тақвият бахшидани ҳамаи соҳаҳои асосии хоҷагии халқи шаҳр ноил гашт.

Барнома дар марҳилаи аввал 113 лоиҳаро дарбар гирифтааст ва манбаи маблағгузории 83 лоиҳаи афзалиятнок дар ҳаҷми 263,1 млн. сомонӣ муайян буда, манбаи маблағгузории 30 лоиҳаи афзалиятноки дигар айни ҳол номуайян мебошад. Барои лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон номуайян, гузаронидани раванди фондрезинг (дарёфти маблағ) тавсия карда мешавад. Аз шумораи умумии лоиҳаҳои дар Барномаи мазкур воридгардида 23 лоиҳа ба маблағи 109,7 млн. сомонӣ (41,7%) ба соҳаҳои иқтисодиёт, 17 лоиҳа ба маблағи 79,8 млн. сомонӣ (30,3%) ба соҳаҳои инфрасохтор, 44 лоиҳа ба маблағи 73,7 млн. сомонӣ (28%) ба соҳаҳои иҷтимоӣ тааллуқ дорад. Дар марҳилаи аввали татбиқи лоиҳаҳои бахши экологии барномаи мазкур, аз сабаби муайян набудани сарчашмаи сармоягузории онҳо, маблағ пешбинӣ нагардидааст.

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ
# ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ ШАҲРИ ИСТАРАВШАН

## 1.1. Сохтори маъмурӣ ва ҳудудии шаҳр

Масоҳати умумии шаҳри Истаравшан 7,6 ҳазор км$^2$ буда, он мутаносибан 0,2 дарсади масоҳати умумии вилояти Суғдро ташкил медиҳад. Истаравшан аз маркази шаҳр (бо фарогирии 22 маҳалла), 10 ҷамоат (ҷамоатҳои Гули Сурх, Коммунизм, Қалъаи Баланд, Ленинобод, Ниҷонӣ, Нофароҷ, Правда, Пошкент, Ҷавкандак ва Фрунзе) ва 68 деҳа иборат аст. Шаҳр дар қисмати шимолии доманаи қаторкӯҳи Туркистон, дар масофаи 70 км дар қисмати ҷанубу ғарбии маркази вилояти Суғд воқеъ буда, аз тарафи шимолу ғарб бо вилояти Сирдарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳаммарз мебошад.

*Расми 1. Мавқеъи ҷуғрофии шаҳри Истаравшан.*



## 1.2. Шарҳи таърихӣ ва фарҳангӣ

Тибқи маълумотҳои мавҷудаи таърихӣ, Истаравшан дар аввали асри V то милод ташкил шудааст. Соли 2002 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2500 солагии шаҳри Истаравшан ботантана таҷлил гардид. Курушкада, Киропол, Уструшана, Суйдуйшана ва Ӯротеппа баъзе аз номҳои пештараи ин шаҳри таърихӣ будаанд. Истаравшани бостонӣ яке аз шаҳрҳои қадимтарини Осиёи Марказӣ буда, таъриху тамаддун, адабу фарҳанги хоси хешро доро буд ва онро ҳамсамту ҳамрадифи шаҳрҳои машҳури Бухорою Самарқанд мешуморанд. Мавзеъҳо ва номҳои Қалъаи Муғ, Қалъаи Баланд, Қалъаи Метар, Қалъачаи Гули Зард, Қалъачаи Бакавул, Қалъачаи Араб ва ғайра, аз таърихи кӯҳани Истарафшан шаҳодат медиҳанд.



Дар шаҳр зиёда аз 150 адад ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва меъморӣ маҳфуз мебошанд, ки ҳар яке таърихи аз 300 то 1500 сола доранд. Ба сифати яке аз намунаҳои ёдгориҳои табии таърихии ин диёр 6 адад дарахтони азими сарв, ки имрӯз дар Савристон ном мавзеъи деҳаи Ругунд сар ба фалак кашидаанду ғафсии танаашон баробари 10-12 қулочи одамӣ буда, умри беш аз 1400 сола доранд, мисол овардан мумкин аст. Мақбараҳои шайх ва файласуф Абубакри Шиблӣ (ёдгории асри VIII), Хоҷа Абдураҳмони Авф (ёдгории асри VIII), ансамбли меъмории Ҳазрати Шоҳ (ёдгории асрҳои XVII-XIX), Сари Мазор (асри XVII) ва ғайра, номгӯи хурди офаридаҳои бузургу нотакрори ҳунармандон, наҷҷорон, наққошон, кандаккорон ва соири дигари мардуми ин кӯҳандиёр мебошанд. Обҳои ҷонбахш, чашмаҳои мусаффо, меваҷоти лазизу гуворо ва гиёҳҳои шифобахши кӯҳҳои Истаравшан, аз азал табобатгоҳи табиии мардумони Осиёи Марказӣ будааст.

Дар Истаравшан 578 гузари ҳунарҳои мухталифдор ва 642 дӯкони ҳунармандони мардумӣ фаъолият менамуданд. Гузарҳои заргарӣ, мисгарӣ, оҳангарӣ, кордгарӣ, дегрезон, шонатарошон, косабофон, читгарон, собунгарон, равғангарон, кулолгарон, осиёдурусткунон, чармгарон ва ғайра, ҳоло ҳам мавҷуд ҳастанд ва ҳунарҳои дуредгариву хиштпазӣ, танӯрсозиву кафшдӯзӣ, собунпазиву аллочабофӣ, ресандагию қолинбофӣ, қошуқтарошию наългарӣ ва ғайра, аз ҷумлаи ҳунарҳои аҷдодии мардуми Истаравшан мебошад.

Соҳаи саноат аз қадим яке аз самтҳои афзалиятноки аҳолии шаҳри мазкур буда, ҳанӯз соли 1898 аз тарафи тоҷирони Рус Первушинҳо дар шаҳри Истаравшан коргоҳи истеҳсоли шароб ба истифода дода шуд ва солҳои минбаъда корхонаҳои зиёди истеҳсолӣ, хусусан дар соҳаи истеҳсоли маводи сохтмон, коркарди меваю сабзавот ва соҳаи саноати сабук бунёд гардиданд.

Солҳои 1946 то 1949 вилояти Ӯротеппа дар ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Мавриди зикр аст, ки 9 сентябри соли 2002 ба муносибати ҷашни 2500 солагӣ шаҳри Ӯротеппа номи он ба шаҳри Истаравшан иваз карда шуд.

**1.3. Шароитҳои табиӣ ва иқлим**

Маркази шаҳри Истаравшан дар баландии 1040 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, бодҳо бештар шабона аз ҷанубу шарқ ва рӯзона аз шимолу ғарб таъсир мерасонанд. Иқлими шаҳри Истаравшан субтропикӣ ва хушк буда, ҳарорати гармтарини ҳаво дар фасли тобистон ба 40 дараҷа ва ҳарорати хунуктарин дар фасли зимистон ба -25 дараҷа мерасад. Миқдори миёнаи боришоти солона дар Истаравшан 172 мм-ро ташкил менамояд. Дар теппаву баландиҳои гирди шаҳр растаниҳои худрӯй месабзанд. Аз дарахтони ороишӣ ва мевагӣ асосан маҷнунбед, сафедор, чинор, олуча, себ, чормағз, зардолу, гелос, анҷир, анор ва ангур (зиёда аз 30 намуд) мерӯянд.

Ҳудуди шаҳри Истаравшан аз канданиҳои табии хело ҳам бой буда, дар он захираҳои табиӣ, ба монанди фосфоритҳо, ашёи хом барои истеҳсоли рангҳои молиданӣ ва коркарди масолеҳи бинокорӣ, инчунин захираҳои санги хоро ва мармар, захираҳои калони канданиҳои маъмули умум (санг, хок, шағал ва рег) мавҷуд мебошад.

**1.4. Вазъи демографӣ**

Ба ҳолати 1 январи соли 2011 шумораи аҳолии шаҳри Истаравшан 232,2 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки он 10,3 % шумораи умумии аҳолии вилояти Суғдро ташкил медиҳад. Аз ҷумла шумораи мардҳо 113,6 ҳазор нафар (ё 48,9 %) ва шумораи занҳо 118,5 нафар (51,1%) буда, суръати миёнаи афзоиши солонаи аҳолии шаҳри Истаравшан 2,3 фоизро ташкил медиҳад. Қайд намудан ҷоиз аст, ки дар ҳудуди шаҳр 41567 хонавода истиқомат доранд ва ба ҳисоби миёна ба ҳар як хонавода 5,6 нафар рост меояд.

Маркази шаҳри Истаравшан ба 22 маҳалла тақсим шудааст ва дар онҳо 63,4 ҳазор нафар аҳолӣ ё 27,3 дарсади шумораи умумии аҳолии Истаравшан истиқомат менамоянд.

*Ҷадвали №3. Маълумот оид ба шумораи аҳолии шаҳри Истаравшан аз рӯи ҷамоатҳо ба 1 январи соли 2010*

| Номи ҷамоатҳо | Шумораи хонаводаҳо | Шумораи аҳолӣ | Аз ҷумла, занҳо |
|---|---|---|---|
| Гули Сурх | 5182 | 38229 | 19726 |
| Коммунизм | 4453 | 29733 | 15342 |
| Қалъаи Баланд | 1875 | 8595 | 4435 |
| Ленинобод | 2784 | 15190 | 7838 |
| Ниҷонӣ | 1800 | 9612 | 4960 |
| Нофароҷ | 1930 | 9562 | 4934 |
| Правда | 3040 | 14379 | 7420 |
| Пошкент | 4016 | 18274 | 9429 |
| Ҷавкандак | 2218 | 9648 | 4978 |
| Фрунзе | 2948 | 15529 | 8013 |
| Ҷамъ: | 30246 | 168751 | 87076 |
| Маркази шаҳр | 11321 | 63400 | 34870 |
| Ҳамагӣ: | 41567 | 232151 | 121946 |

*Диаграммаи 1. Ҳайати миллии аҳолии шаҳри Истаравшан.*




Дар ҳайати миллии аҳолии шаҳр тоҷикон нақши муайянкунанда дошта 86% шумораи аҳолиро ташкил менамоянд. Сохтори этникии шаҳр гуногунмиллат буда, ӯзбекҳо 13% ва дигар миллатҳо 1%-ро ташкил медиҳанд.

Дар се соли охир афзоиши табии аҳолии шаҳр ба андозаи 2,3% ба қайд гирифта шудааст.

*Ҷадвали №4. Нишондиҳандаҳои асосии демографии шаҳри Истаравшан*

| Солҳо | Теъдоди никоҳ | Шумораи вафот | Афзоиши табиии аҳолӣ | Афзоиши табиии аҳолӣ, % | Шумории умумии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2008 | 2670 | 1031 | 5009 | 2,27 | 220552 |
| 2009 | 2576 | 1005 | 5903 | 2,62 | 225228 |
| 2010 | 2734 | 1078 | 5592 | 2,41 | 232151 |

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки аз рӯи синну сол шумораи аҳолии то синни 14 солаи шаҳрак 28,0%, шумораи аҳолии қобили меҳнат 44,5% ва шумораи аҳолии дар синни нафақа буда 27,5%-ро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №5. Сохтори ҷинсӣ ва синну соли аҳолии шаҳри Истаравшан ба 1 январи соли 2010*

| Аҳолӣ | Ҷамъ | Аз ҷумла духтарон/ занон | % духтарон/ занон |
|---|---|---|---|
| Наврасони то 7 сола | 28941 | 14382 | 49,7 |
| Наврасони то 18 сола | 43153 | 21705 | 50,3 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Миёнасолон | 135174 | 70290 | 52,0 |
| Аҳолии синну соли нафақахӯрӣ (мардон 63 сола / занон 58 сола ва боло) | 17960 | 9615 | 51,6 |
| Ҷамъ: | 225228 | 115992 | 51,5 |

*Ҷадвали №6. Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши демографии шаҳри Истаравшан барои солҳои 2013-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2013 бо % нисбати с.2012 | с.2014 | с.2015 | |
| Нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии умумӣ | | | | | | | |
| Шумораи аҳолӣ ба ҳисоби миёнаи солона (ҳазор нафар) – ҳамагӣ | 224 | 230,2 | 236 | 102,5 | 241 | 246,7 | 110,1 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| шаҳрӣ | 55,2 | 56,5 | 58,0 | 102,6 | 59,1 | 60,5 | 109,6 |
| деҳотӣ | 168,7 | 173,7 | 178 | 102,4 | 182,1 | 186,2 | 110,3 |

Мувофиқи параметрҳои барномавӣ, афзоиши табиии аҳолии шаҳри Истаравшан дар соли 2015 нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2011 то 10,1 % афзоиш хоҳад ёфт.

**1.5. Тамоилҳои асосии иҷтимоию иқтисодии шаҳри Истаравшан**

Даромади асосии аҳолии ноҳия аз ҳисоби машғул гардидан дар соҳаҳои соҳибкорӣ, саноат, кишоварзӣ, инчунин аз ҳисоби пардохти нафақа ва интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Дар соли 2010 маблағи маҷмӯи маҳсулоти умумии кишоварзии шаҳри Истаравшан 220132 ҳазор сомониро ташкил дод, ки он ба дӯши ҳар як нафар аҳолии ноҳия 977 сомонӣ рост меояд. Дар соли 2010 ба 17960 нафар нафақахӯрон ба маблағи 23547 ҳазор сомонӣ нафақапулӣ пардохт гардидааст, ки ба ҳар як нафақахӯр дар як сол 1311 сомонӣ рост меояд.

Қобили қайд аст, ки дар соли 2010 ба аҳолии шаҳри Истаравшан аз хориҷи кишвар аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ 75812500 доллари амрикоӣ (ё 363,9 млн сомонӣ, бо қурби 1 доллари ИМА баробар ба 4,8 сомонӣ) маблағ интиқол гардидааст, ки ба ҳар як нафар аҳолӣ 336,6 доллари ИМА рост меояд.

Аҳолии қобили меҳнати бешуғл дар соли 2009 - 60,3% ва дар соли 2010 - 57,7%-и захираҳои меҳнатиро ташкил дода, дар соли 2009 - 6,2 % ва дар соли 2010 - 25,5 %-и онҳо дар муҳоҷирати меҳнатии беруна қарор доштанд ва танҳо дар соли 2009 - 4%-и онҳо ба бозори дохилии меҳнат ворид гардидаанд. Яке аз сарчашмаҳои асосии даромади оилаҳо аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ сурат мегирад. Дар соли 2010 дар шаҳри Истаравшан шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба соли 2009 тақрибан 42 фоиз афзудааст.

Дар ташаккули иқтисодиёти шаҳри Истаравшан соҳаҳои кишоварзӣ ва саноатро нақши хосса доранд.

Афзоиши саҳми саноатчиёни Истаравшан дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти саноатии вилояти Суғд ҷолиби таваҷҷӯҳи махсус буда, он дар заминаи таъсиси корхонаҳои нави хурду бузург ва истифодаи иқтидорҳои мавҷудаи соҳа ба даст омадааст. Дар ин радиф, таъсисёбӣ ва рушди минбаъдаи корхонаи муштараки «Оби Зулол» мақоми махсусро дорост. Мушкилиҳои асосии соҳа, иқтидорҳои бекорхобида, торафт кӯҳна ва фарсуда гардидани иқтидорҳои истеҳсолӣ, нокифоягии маблағҳои гардон ва рақобатнопазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда, арзёбӣ мегардад.

Дар соҳаи кишоварзӣ самтҳои асосиро сабзавоткорӣ, картошкапарварӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ ташкил медиҳанд. Солҳои охир ҷиҳати ташкили боғу токзорҳои нав чораҳои амалӣ андешида мешаванд. Мушкилиҳои асосии соҳаро муаммоҳои ҷойдоштаи соҳаи обрасонӣ, фарсудагиву нокифоягии техникаи кишоварзӣ,

норасогии маблағҳои гардон ва дастнорасии қарзҳои бонкӣ, гаронии нархи қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ ва нуриҳои минералӣ муаррифӣ менамоянд.

Солҳои охир болоравии нақши СХМ дар ҳамаи бахшҳо, аз ҷумла саноат, кишоварзӣ, сохтмон ва хизматрасонӣ мушоҳида мегардад. Дар ин замина, саҳми субъектҳои СХМ дар ташаккули буҷети давлатӣ хело назаррас мебошад.

Барои рушди бемайлони СХМ нокифоягӣ ва мушкилии дастрасӣ ба воситаҳои молиявӣ, монеаҳои ғайриқтисодӣ, фасод, тағйироту мухолифати зиёд дар низоми қонунгузорӣ ва ғайра, монеаҳои асосӣ мебошанд.

Дар шаҳри Истаравшан ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маорифу тандурустӣ ва фарҳангу варзиш, ҳифзи иҷтимоиву шуғл, самтҳои афзалиятноки фаъолият ба ҳисоб меравaнд. Ба ин нигоҳ накарда, нокифоягии маблағҳои буҷетӣ, сатҳи пасти музди меҳнат, ба муҳоҷирати меҳнати рафтани кадрҳои баландихтисос, нокифоягии кадрҳо ва сатҳи пасти тайёрии тахассусии кадрҳо, таъмирталаб гаштани бинову иншооти муассисаҳои иҷтимоӣ ва нокифоягии иқтидорҳои муассисаҳои мазкур, масъалаҳои доғи рӯз мебошанд.

Дар соҳаи инфрасохтор ҳалли мушкилоти барқрасонӣ, таъминот бо оби нӯшокӣ, таъмирталаб гаштани роҳҳо ва ҳалли масъалаҳои шаҳрдорию хизматрасонии комммуналӣ, ҳамчун самтҳои афзалиятноки фаъолият ба инобат гирифта шудаанд.

Дар шаҳри Истаравшан сохтмони манзили давлатии иҷтимоӣ вуҷуд надорад. Сохтмони манзил дар қитъаҳои замини наздиҳавлигии барои сокинони маҳаллаҳои шаҳр ҷудогардида, аз ҷониби худи аҳолӣ ба роҳ монда шудааст.

Барои барқарорсозӣ ва таъмини тавозуни экологӣ, амалӣ гардонидани силсилаи чорабиниҳои таъсирбахш дар назар дошта шудааст.

Шаҳри Истаравшан донор буда, тибқи қонунгузории амалкунанда, ҳамасола ба буҷети вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, маблағҳои зарурии андоз ва пардохтҳои ҳатмӣ ирсол менамояд. Вале ба ин нигоҳ накарда, дар шаҳр нокифоягии маблағгузориҳо, хусусан маблағгузорӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ ва инфрасохтор шиддатнок эҳсос карда мешавад.

**1.6. Биниши рушди шаҳри Истаравшан**

*Шаҳри Истаравшан – маркази муттараққии агросаноатии дорои корхонаҳои азими коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатии бо технологияҳои навтарин таҷҳизонидашуда буда, бо инфрасохтори муосир ва фазои мусоиди сармоягузорию соҳибкорӣ таъмин гардида, дорои муҳити зисти ҷавобгӯи талаботҳои муосири экологӣ мебошад ва дар он аҳолии сарбаланду хушбахт ва соҳибҳунар зиндагӣ ва фаъолият менамоянд.*

Биниши мазкур дар асоси таҳлили тарафҳои қавӣ ва заифи рушди шаҳр, инчунин бо назардошти имкониятҳои беруна ва таҳдидҳо таҳия гаштааст.

*Ҷадвали №7. Таҳлили вазъи умумии шаҳри Истаравшан (SWOT)*

| **Тарафҳои қавӣ** | **Тарафҳои заиф** |
|---|---|
| • Мавҷуд будани захираҳои кофии меҳнатӣ.<br>• Имкониятҳои васеъи соҳибкорӣ.<br>• Мавҷудияти иқтидорҳои бузурги саноатӣ.<br>• Таҷрибаи пешқадам ва иқлими мусоид барои рушди соҳаи кишоварзӣ.<br>• Ҷойгиршавии (мавқеи) мусоиди ҷуғрофӣ.<br>• Мутаҳидшавии мақсад ва кӯшиши мақомоти иҷроия, соҳибкорон ва аҳолӣ барои рушди шаҳр.<br>• Мавҷудияти захираҳои табии ва ашёи хоми маҳаллӣ барои истеҳсоли маҳсулот, хусусан масолеҳи бинокорӣ.<br>• Имконияти васеи истифода ва ҳифзу нигоҳдории анъанаҳои миллию фарҳангӣ ва аз- | • Норасоӣ ва фарсуда гардидани техника ва таҷҳизотҳои дар корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ мавҷудбуда.<br>• Таъмирталаб гаштани инфрасохтори шаҳр.<br>• Таъмирталабии муассисаҳои тиббӣ ва маорифу фарҳанг, инчунин суст будани пойгоҳи моддию техникии онҳо.<br>• Нокифоягии маблағҳои барои рушди соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт ҷудогардида ва душвориҳои дарёфти он.<br>• Нокифоягии ҷойҳои корӣ, хусусан бо музди меҳнати ба талабот ҷавобгӯй.<br>• Норасогии оби нӯшокӣ ва полезӣ.<br>• Мавҷуд набудани шабакаи нақлиёти роҳи оҳан. |

| | |
|---|---|
| худкунии ҳаёти муосир.<br>• Муҳити мусоид барои рушди сайёҳӣ.<br>• Миқдори кофии мутахассисони баландихтисос.<br>• Таҷрибаи ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ.<br>• Мавҷудияти инфрасохтори заминавии муҳандисию коммуникатсионӣ ва иҷтимоӣ.<br>• Мавҷудияти сармоягузориҳои дохилӣ.<br>• Мавҷуд будани фурудгоҳ. | • Норасоии нерӯи барқ дар фасли зимистон.<br>• Баланд будани фоизи қарзи бонкҳо.<br>• Муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос ва қувваҳои корӣ ба хориҷа.<br>• Гарон шудани арзиши маводҳои стратегии воридотӣ (сӯзишворӣ, гандум ва ғайраҳо).<br>• Набудани амнияти озуқаворӣ. |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| • Ҷалби соҳибкорони маҳаллии дар хориҷа фаъолиятдошта барои рушди минбаъдаи шаҳр.<br>• Дастгирии мақсадноки соҳаи соҳибкорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.<br>• Ҳавасмандии сармоягузорони хориҷӣ барои ташкили корхонаҳои нав ва ба кор андохтани иқтидорҳои бекорхобида.<br>• Татбиқи амалии барномаҳои тасдиқгардидаи рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва раванди ислоҳот.<br>• Мавҷудияти Барномаи рушди вилояти Су ғд.<br>• Азхуд намудани тақрибан 40 ҳазор гектар заминҳои нав.<br>• Ташкили минтақаи савдои наздисарҳадӣ (имконияти ташкили минтақаи махсуси иқтисодӣ ва бозорҳои наздисарҳадӣ). | • Ҳодисаҳои фавқулоддаи табиӣ.<br>• Та ғйирёбии иқлим.<br>• Ноороми сиёсӣ дар кишварҳои ҳамсоя.<br>• Эҳтимолияти хавфи вайроншавии сарбанди обанбори «Катта-сой».<br>• Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ.<br>• Эпидемияҳо.<br>• Инфлятсия. |

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТ ВА СТРАТЕГИЯИ РУШДИ СОҲАҲОИ АСОСӢ

## 2.1. Иқтисодиёт

### 2.1.1. Саноат

Саноат яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди шаҳри Истаравшан буда, дар солҳои охир суръати баланди афзоиши он тавассути ба кор даромадани иқтидорҳои нав ва корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ба назар мерасад. Дар шаҳри Истаравшан 19 корхонаи саноатӣ (аз ҷумла, ҷамъиятҳои саҳҳомии “Оби Зулол”, “Суруш”, “Файз”, “Нексоз”, “Сафеда”, “Матбуот”, “Ҳадид”, “Ҷамъияти аъмоён”, “Ноҳид”, “Маркази технологӣ”, “Элитаи Истаравшан”, “Сангинов”, “Шараф”, “Мӯсоев”, “Авис К”, “Исмоили Сомонӣ”, “Шароббарорӣ» ва «Заводи хишт») фаъолият доранд.

*Ҷадвали №8. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (ҳазор сомонӣ)*

| № | Номгӯи корхонаҳо | Истеҳсоли маҳсулот дар шакли асл | | | | | Истеҳсоли маҳсулот (ҳазор сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Дар солҳои | | | Дар солҳои | | |
| | | | | 2008 | 2009 | 2010 | 2008 | 2009 | 2010 |
| 1 | ҶСП «Оби Зулол» | Нӯшокӣ | ҳ.дал | 2511 | 2757 | 3001,9 | 56667,3 | 63598,3 | 70313,3 |
| | | Об | ҳ.дал | 779 | 808,5 | 832,7 | | | |
| | | Шарбат | ҳ.қ.ш. | 1353 | 1333,6 | 1984,9 | | | |
| 2 | ҶММ «Шараф» | Равған | тн | 361,2 | 407,8 | 413 | 2705,22 | 2819,33 | 2823,415 |
| | | КунҶора | тн | 2453 | 2556 | 2489 | | | |
| 3 | ҶММ «Элитаи Истаравшан» | Консерва | ҳ.қ.ш. | 3981,8 | 1167,95 | 540,9 | 892,6 | 894,95 | 449,14 |
| 4 | ҶММ «Авис и К» | Шарбат | ҳ.қ.ш. | 1587,6 | 1652,7 | 736,2 | 756,8 | 772,4 | 579,8 |
| | | Орд | тн | 136,8 | 68,4 | 107,9 | | | |
| 5 | ҶММ «Заводи хишт» | Хишт | дона | 2629,4 | 2347,5 | 2137,4 | 752,41 | 755,69 | 756,66 |
| 6 | ҶММ «Ноҳид» | Пахтагӣ | тн | 85 | 88,6 | 68,4 | 730,9 | 807,9 | 821,9 |
| | | Трикотаҷ | тн | 71,3 | 71,5 | 87,2 | | | |
| 7 | С.И. «Сангинов» | Орд | тн | 326,5 | 457,5 | 480 | 622,5 | 698,9 | 702,2 |
| | | Сабӯс | тн | 77,4 | 110,4 | 115,8 | | | |
| 8 | ҶС «Сафеда» | Равған | тн | 73,57 | 101,76 | 89,95 | 831,2 | 1001,5 | 1062 |
| | | КунҶора | тн | 256,81 | 565,21 | 502,5 | | | |
| | | Ҷурғот | тн | 153,2 | 0 | 7,97 | | | |
| 9 | ҶС «Матбуот» | Варақа | тн | 284,8 | 110,7 | 131,9 | 241,6 | 241,8 | 257 |
| | | Рӯзнома | х.нус | 267,1 | 298,4 | 383,4 | | | |
| | | Мӯҳр | дона | 5365 | 3405 | 2280,2 | | | |
| 10 | ҶС «Файз» | Маҳс.оҳан | метр | 0 | 672 | 1248 | 466,8 | 477,6 | 543,9 |
| 11 | ҶСП «Холдинги Камолот» | М. дӯхта | дона | 26492 | 16022 | 33742 | 175,8 | 229,2 | 281,7 |
| | | Дару тире | дона | 0 | 1392 | 1368 | | | |
| 12 | ҶС «Орди Истаравшан» | Орд | тн | 309,8 | 634 | 442,4 | 546,9 | 623,6 | 673,5 |
| | | Сабӯс | тн | 84,3 | 180 | 122,7 | | | |
| 13 | ҶС «Исмоили Сомонӣ» | Нон | тн | 184,4 | 177,7 | 182,82 | 231,8 | 244,08 | 247,9 |
| 14 | ҶС «Маркази технологӣ» | М.спиртӣ | дал | 2176 | 4727,6 | 1660 | 247,9 | 300,09 | 58,4 |
| 15 | ҶС «Шароб» | М. спиртӣ | х.дал | 4,5 | 7,15 | 4,32 | 153,12 | 179,6 | 75,9 |
| 16 | ҶММ «Ҳадид» | Аломатҳои роҳ | ҳ. сом | 30,4 | 40,9 | 59,365 | 94,6 | 128,35 | 199,8 |
| | | Дигар | ҳ.сом | 1,5 | 87,3 | 147,3 | | | |
| 17 | ҶС «Нексоз» | Молҳои дӯхта М. | ҳ.сом | 29,2 | 28,144 | 28,472 | 67,8 | 70,4 | 72,3 |
| | | Молҳои маишӣ | ҳ. сом | 38,5 | 42,31 | 43,857 | | | |
| 18 | Ҷамъияти Аъмоён | Хишт | дона | 0 | 25 | 54 | 18,15 | 19,09 | 19,77 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Молҳои ҳархела | адад | 226 | 0 | 1466 | | | |
| 19 | С.И «Мусоев» | Пиво | литр | 0 | 21500 | 30000 | 0 | 29,5 | 41,4 |

Тибқи маълумоти оморӣ, дар ибтидои соли 2010 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 373,8 фоизи нишондиҳандаҳои соли 1990 баробар гардид, ки ин назар ба нишондиҳандаи миёнаи вилояти Суғд тақрибан 6 маротиба ва аз нишондиҳандаҳои саноатии шаҳри Исфара 15,4 маротиба зиёд мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир саҳми корхонаҳои саноатии шаҳри Истаравшан дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти саноатии вилояти Суғд торафт зиёд гардида истодааст. Аз ҷумла, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ таи се соли охир ба ҳисоби миёна 30,7% афзоиш ёфта, 5,7 дарсади маҳсулоти умумии саноатии дар соли 2010 дар вилоят истеҳсолгардидаро ташкил дод. Тибқи нишондиҳандаҳои барномавӣ соли 2015 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар шаҳри Истаравшан нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2010 ба андозаи 1,7 маротиба зиёд гардида, то ба 163,6 млн сомонӣ мерасад.

Дар ин радиф бояд қайд намуд, ки дастовардҳои саноати шахр асосан аз ҳисоби рушди бемайлони ҶСП «Оби Зулол» ва дигар корхонаҳои хурди истеҳсоли маводи сохтмон таъмин шуда истодааст. Чунончӣ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки агар корхонаи номбурда соли 2008 дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти саноатии шаҳри Истаравшан 77,5% саҳм гузошта бошад, он гоҳ ин нишондиҳанда дар соли 2010 ба 78,4% баробар гардидааст.

Дар ҷамъияти саҳҳомии “Орди Истаравшан” 2 таҷҳизоти технологии истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин ва дар ҷамъияти саҳомии “Нексоз” бошад, таҷҳизоти технологии истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ насб карда шуданд.

Дар шароити кунунӣ корхонаҳои саноатии шаҳри Истаравшан иқтидорҳои лоиҳавии истеҳсолиашонро аз 9 дарсад то 85 дарсад истифода менамоянд. Махсусан истифодаи ночизи иқтидорҳои истеҳсолӣ дар ҷамъияти саҳҳомии «Шароб» ба қайд гирифта шудааст.

Ҳоло соҳаи саноат тахминан 30% (дар соли 2010 зиёда аз 15,7 млн сомонӣ) қисми воридотии буҷети маҳаллии шаҳри Истаравшанро таъмин менамояд ва дар оянда бо назардошти истифодаи иқтидорҳои бекорхобида ва таъсиси коргоҳҳои нав, ин нишондиҳанда бояд то 50% зиёд карда шавад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулот дар намуди асл нишон медиҳад, ки соли 2010 истеҳсоли хишт, консерваҳои мевагию сабзавотӣ, маҳсулоти пахтагӣ, варақаҳо ва спирти хом, нисбати соли 2008-ум кам шудааст. Агар сабаби кам шудани истеҳсоли консерваҳои мевагию сабзавотӣ ба омилҳои мавсимию табиӣ вобастагӣ дошта бошад, камшавии ҳаҷми истеҳсоли дигар намудҳои маҳсулот ба қиматшавии арзиши ашёи хом, ба талабот ҷавобгӯ набудани сифати он, фарсуда ва кӯҳна шудани таҷҳизоти корхонаҳо, ҷудо нашудани квотаҳои зарурӣ ба корхонаҳои истеҳсолкунандаи спирт ва дигар омилҳо арзёбӣ мегардад.

*Ҷадвали №9. Намудҳои маҳсулот ва иқтидори корхонаҳои саноатии шаҳри Истаравшан*

| № | Номгӯи корхонаҳо | Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Иқтидори истеҳсолӣ | Иқтидори истеҳсолии воқеъӣ | Ҳолати иноватсионӣ | Истеъмол-кунандагон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСП «Оби Зу-лол» | Нӯшокиҳо | ҳ.дал | 3500,0 | 3001,9 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | | Об | ҳ.дал | 1200,0 | 832,7 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | | Шарбат | туб | 2000,0 | 1984,9 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 2 | ҶММ «Шараф» | Равған | тн | 500 | 413 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | | КунҶора | Тн | 3000 | 2489 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | ҶММ «Элитаи Истаравшан» | Консерва | туб | 1000,0 | 540,9 | хуб | Россия, Тоҷикистон |
| 4 | ҶММ «АВИС и К» | Шарбат | Ҳ.қ.ш. | 2500,0 | 736,2 | Кӯҳнаю фарсуда | Россия, Тоҷикистон |
| | | Орд | тн | 140,0 | 107,9 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 5 | ҶММ «Заводи хишт» | Хишт | ҳ. дона | 2400,0 | 2137,4 | Кӯҳнаю фарсуда | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 6 | ҶММ «Ноҳид» | Маҳсулоти пахтагӣ | тн | 120,0 | 68,4 | Кӯҳнаю фарсуда | Белоруссия |
| | | Трикотаж | тн | 120,0 | 87,2 | Кӯҳнаю фарсуда | Белоруссия |
| 7 | КХ «Сангинов Д» | Орд | тн | 1000,0 | 480 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | | Сабӯс | тн | 200,0 | 115,8 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 8 | ҶС «Сафеда» | Равған | тн | 110,0 | 89,9 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | | Кунҷора | тн | 700,0 | 502,5 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | | Ҷурғот | тн | 50,0 | 7,97 | Кӯҳнаю фарсуда | Вилояти Суғд |
| 9 | ҶС «Матбуот» | Варақа | тм | 200,0 | 131,9 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | | Рӯзнома | х. нусха | 400,0 | 383,4 | хуб | Вилояти Суғд |
| | | Мӯҳр | дона | 3000,0 | 2280,2 | хуб | Вилояти Суғд |
| 10 | ҶС «Файз» | Маҳсулоти оҳан | метр | 5000 | 1248 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 11 | ҶСП «Холдинги Камолот» | Маҳсулоти дӯзандагӣ | дона | 300000 | 33742 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | | Дару тиреза | дона | 2000 | 1368 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 12 | ҶС «Орди Истаравшан» | Орд | тн | 1000 | 442,4 | Кӯҳнаю фарсуда | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | | Сабӯс | тн | 250 | 122,7 | Кӯҳнаю фарсуда | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 13 | ҶС «Исмоили Сомонӣ» | Нон | тн | 250,0 | 182,8 | Кӯҳнаю фарсуда | Шаҳри Истаравшан |
| 14 | ҶС «Маркази Технологӣ» | маҳсулоти спиртӣ | дал | 2000 | 1660 | Кӯҳнаю фарсуда | Россия, Тоҷикистон |
| 15 | ҶС «Шароб» | маҳсулотиспиртӣ | х. дал | 50,0 | 4,32 | Кӯҳнаю фарсуда | Тоҷикистон Қирғизистон |
| 16 | ҶММ «Ҳадид» | Аломати роҳ | ҳ.сом | 100,0 | 59,3 | Кӯҳнаю фарсуда | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | | дигар | ҳ .сом | 300,0 | 147,3 | Кӯҳнаю фарсуда | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 17 | Ҷамъияти аъмоён | хишт | ҳ. дона | 10,0 | 54 | Кӯҳнаю фарсуда | Шаҳри Истаравшан |
| | | Молҳои ҳархела | адад | 2500 | 1466 | Кӯҳнаю фарсуда | Вилояти Суғд |
| 18 | ҶС «Нексоз» | м. дӯхта | ҳ.сом | 50,0 | 28,4 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | | м. маишӣ | ҳ.сом | 100,0 | 43,8 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 19 | СИ «Мусоев» | пиво | литр | 50000 | 30000 | хуб | Вилояти Суғд |

Шаҳру деҳоти Истаравшан аз захираҳои табиӣ, ба монанди фосфоритҳо, рангҳои молиданӣ, масолеҳи бинокорӣ, санги хоро ва мармар бой мебошад. Инчунин, захираҳои калони канданиҳои маъмули умум (санг, хок, шағал, рег) мавҷуданд.

Тибқи барномаи мазкур дар мадди аввал рушди соҳаҳои истифодабарандаи ашёи хоми маҳаллӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳамзамон, таъсиси корхонаҳои хурд қарор дода мешавад. Тадбирҳои асосии Барномаи номбурда барои давраи то соли 2015, дарёфти сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои бо технологияи муосир таҷҳизонидани корхонаҳои саноатӣ, бунёди корхонаҳои нав барои коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, истифодаи иқтидорҳои мавҷуда барои қонеъ намудани талаботи бозори дохилӣ ва зиёд намудани иқтидори содиротии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, мебошанд.



**Ҷамъияти саҳҳомии «Оби зулол».** Корхонаи муштараки «Оби зулол» соли 2000 ба фаъолият шурӯъ намуда, 276 нафарро бо ҷойи корӣ таъмин намуд. Корхона бо технологияи навтарини истеҳсоли Британияи Кабир муҷаҳҳаз буда, ба истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикан машғул мебошад. Соли 2008 дар корхонаи мазкур ба маблағи тақрибан 10 млн сомонӣ, хати истеҳсоли шарбатҳои мевагӣ васл карда шуд. Дар назар аст, ки соли 2011 ба маблағи 13 млн сомонӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилии корхона, технологияи коркарди мевагиҳо насб карда шуда, иқтидори истеҳсолии корхонаро афзун менамояд. Музди миёнаи меҳнати кормандони ҶС «Оби Зулол» дар байни корхонаҳои саноатии шаҳри Истаравшан аз ҳама баландтарин буда, то 1450 сомониро ташкил медиҳад. Маҳсулоти корхона ҳатто дар бозори ҷаҳонӣ рақобат карда метавонад. Имрӯзҳо маҳсулоти корхонаи мазкур ба кишварҳои ҳамсоя низ содирот мешавад.

Омилҳои дигари паст шудани даромаднокии корхонаҳо, бад шудани ҳолати инфрасохтори мавҷуда, истифодаи таҷҳизоти кӯҳна, истифода набурдани усулҳои нави менеҷмент ва маркетинг дар корхонаҳо, набудани инвеститсияи дохилию берунӣ барои рушди соҳа, нокифоягии дастгирии давлатӣ ва баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ аст.

***Иқтидор.*** Ҳамсарҳад будани шаҳри Истаравшан бо вилояти Сирдарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва гузаштани шоҳроҳи Душанбе-Хуҷанд-Бӯстон-Чанок аз ҳудуди шаҳри Истаравшан, ба рушди иқтидори саноатии он таъсири мусбӣ мерасонад. Корхонаҳои шаҳр ҳудуди васеъ ва анбору биноҳои зиёде доранд, ки барои таъсис додани сеххои нав ҷиҳати коркарди маҳсулоти дар бозор рақобатпазир ва серхаридор нақши калон мебозад. Мақсади асосии рушди саноати шаҳр, диверсификатсияи корхонаҳои истеҳсолӣ, таъмини истифодаи пурраи иқтидорҳои мавҷуда ва тағйири сохтори истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ, ташкили корхонаҳои нав, хусусан корхонаҳои масолеҳи бинокорӣ ва коркарди пурраи маҳсулоти кишоварзӣ, маҳсуб меёбад.

Дар ҳолати эҳёи фаъолияти коргоҳҳои бекорхобида, имконияти зиёд шудани ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меояд ва ин омил метавонад рушди бемайлони шаҳрро таъмин намояд.

*Ҷанбаҳои экологӣ.* Таъсири моддаҳои зараровари корхонаҳои саноатӣ ба муҳити атроф пурра омӯхта нашудааст. На ҳамаи корхонаҳои саноатӣ дорои шиносномаи экологӣ, ҳисоботи мунтазам оид ба ҳаҷми партовҳо ва моддаҳои зараровар мебошанд.

Тибқи ақидаи коршиносон, ҳадди ҷоизи маводҳои заҳрноки ба ҳавои атмосферӣ паҳншаванда дар шаҳри Истаравшан 135 тн/сол-ро ташкил медиҳад.

Мувофиқи ҳисоботи омории 2ТП (ҳаво) динамикаи партовҳои моддаҳои зараровари ба фазо партофташаванда барои се соли охир чунин аст:

*Ҷадвали №10. Партовҳои моддаҳои зараровари аз корхонаҳои саноатии шаҳри Истаравшан ба фазо ихроҷшаванда, тн/дар як сол*

| Номгӯйи моддаҳои зараровар | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 47,9 | 48,5 | 51,9 |
| Аз онҳо партовҳои сахт | 31,0 | 33,0 | 35,0 |
| Газмонанд ва моеъ | 9,1 | 9,3 | 9,4 |
| CO (оксиди карбон) | 3,6 | 4,7 | 5,6 |
| NO2 (оксиди нитроген) | 1,0 | 1,1 | 1,2 |

*Ҷадвали №11. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи саноат дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2011-2015*

*Нишондиҳандаҳои арзиши – бо ду нарх ифода мешаванд:*
*сурат – бо нархҳои дахлдор*
*махрaч – бо нархҳои муқоисавии соли 2011.* *(млн. сомони)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013г. | с.2013 бо % нисбати с.2012 | с.2014 | с.2015 | |
| Саноат | | | | | | | |
| Маҳсулоти саноати (корҳо ва хизматрасониҳо) бо нархҳои яклухти корхонаҳо – ҳамаги | | | | | | | |
| аз он чумла аз рӯи соҳаҳо: | | | | | | | |
| Электроэнергетика | | | | | | | |
| Сӯзишвори | | | | | | | |
| Металлургияи ранга | | | | | | | |
| Кимиё ва нафту кимиё | | | | | | | |
| Мошинсози ва коркарди фулузот | | | | | | | |
| ҶДММ «Ҳадид» | 252 | 293 | 317 | 108,1 | 489 | 500 | 198,4 |
| | | 265 | 291 | 109,8 | 306 | 336 | 133,3 |
| Ҳамагӣ | 252 | 293 | 317 | 108,1 | 489 | 500 | 198,4 |
| | | 265 | 291 | 109,8 | 306 | 336 | 133,3 |
| Саноати масолеҳи сохтмон | | | | | | | |
| Заводи хиштбарори | 416 | 423 | 432 | 102,1 | 438 | 444 | 106,7 |
| | | 420 | 425 | 101,1 | 430 | 441 | 106 |
| ҶДММ «Дурдона» | 292 | 376 | 426 | 113,4 | 484 | 553 | 189,4 |
| | | 340 | 391 | 115 | 450 | 517 | 177 |
Дар соҳаи боғу токпарварӣ низ, бо мақсади рушди ин соҳа, дар майдони 3400 гектар бунёди боғу токзори нав ба нақша гирифта шуда, дар назар аст, ки истеҳсоли мева дар соли 2015 ба 5,3 ҳазор тонна ва истеҳсоли ангур ба 31000 тонна расонида хоҳад шуд, ки ин нисбати нишондиҳандаҳои соли 2011 мутаносибан 36 фоиз ва 38 фоиз зиёд мебошад.

Пешбинӣ шудааст, ки дар шаҳри Истаравшан бояд истеҳсоли ғалладонагиҳо дар соли 2015-ум асосан аз ҳисоби истифодаи босамари замин ва истифодаи тухмии навъҳои серҳосили ғалладонагӣ ба 42000 тонна расонида шавад.

Дар соҳаи чорводорӣ бошад, ҳолати имрӯзаи чорводорӣ ва вазъи иқтисодиёти хоҷагиҳоро ба ҳисоб гирифта, то соли 2015 зиёд намудани саршумори моли калони шохдор ба 136% ва моли майда то 137% пешбинӣ гардидааст.

## 2.1.4. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои иқтисодиёт

*Ҷадвали №25*

| Ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ (млн. сомонӣ) | СОЛҲО | | | | | Масъул | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| **Соҳаи саноат** | | | | | | | | | | | |
| *Балад бардоштани даромад-нокӣ ва зиёд намудани иқтидори содиротӣ.* | 1. Зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ тавассути ворид намудани технологияи муосир | 1.1.Ба роҳ мондани коркарди меваю сабзавот дар ҶСП «Оби зулол» | 13 | 13 | | | | | МИМҲД шаҳри Истаравшан | ҶСП «Оби зулол» | Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ то соли 2016 то 50% . Шумораи корхонаҳои нав (то соли 2016 -7 адад) Афзоиши ҳиссаи корхонаҳои саноатӣ ба қисми даромади буҷети ноҳия то соли 2016 то 50%. Зиёд шудани ҳаҷми маҳсулоти коркардшуда то соли 2016 то 50%. Шумораи ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби корхонаҳои саноатӣ ташкилгардида то соли 2016 ба 2250 ҷойи корӣ расонида шудааст. |
| | | 1.2. Аз нав таҷҳизонидани ҶС «Заводи хиштбарории шаҳри Истаравшан» | 1,4 | | 0,7 | 0,7 | | | Вазорати мелиоратсия | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 1.3. Таҷдиди кони мармар | 4,3 | | 1,3 | 3,0 | | | МИМҲД шаҳри Истаравшан | ҶСП «Корпоратсияи Истаравшан» | |
| | | 1.4. Азнавсозии техникӣ дар ҶС «Холдинги камолот» | 45 | | 15 | 15 | 15 | | МИМҲД шаҳри Истаравшан | ҶС «Холдинги камолот» | |
| | | 1.5. Азнавсозии техникӣ дар ҶС «Файз» | 10 | | 3 | 3 | 4 | | МИМҲД шаҳри Истаравшан | ҶС «Файз» | |
| | 2. Паст кардани таъсири моддаҳои зараровари корхонаҳои саноатӣ ба муҳити атроф | 2.1. Тартиб додани шиносномаи экологии корхонаҳои шаҳри Истаравшан | 0,01 | | | | | | Роҳбарони корхонаҳо | Маблагҳои худӣ | |
| | | 2.2. Ҷорӣ намудани ҳисоботи доимии партовҳои зараровари корхонаҳои шаҳри Истаравшан | 0,01 | | 0,01 | - | - | - | Роҳбарони корхонаҳо | Маблагҳои худӣ | |
| | | 2.3. Гузоштани филтрҳо дар корхонаҳои саноатии шаҳри Истаравшан | 1,4 | | 0,2 | 0,3 | 0,4 | 0,5 | Роҳбарони корхонаҳо | Маблагҳои худӣ | |
| | | 2.4. Тоза намудани обамбори Катта-Сой | 7,1 | | 1,1 | 2 | 2 | 2 | МИМҲД шаҳри Истаравшан. Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об | Сармояи хориҷӣ (Сафорати Олмон) | |
| | | 2.5. Гузаронидани корҳои соҳилмустаҳакамкунӣ дар сойи Катта-Сой | 19,7 | | 1,7 | 6 | 6 | 6 | МИМҲД шаҳри Истаравшан | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | Ҳамагӣ дар соҳаи саноат | | 101,92 | 13 | 23,01 | 30 | 27,4 | 8,5 | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | **Кишоварзӣ** | | | | | |
| *Дастгирии мақсаднок ва рушди соҳаи кишоварзӣ* | *1. Беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба замин ва ташкили самараноки истеҳсолоти кишоварзӣ* | *1.1. Ташкил ва гузаронидани тренингҳо оид ба бехтар кардани идоракунии фаъолияти хоҷагии қишлоқ дар шаҳри Истаравшан* | *0,05* | *0,01* | *0,01* | *0,01* | *0,01* | *0,01* | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Сарчашмаҳои хориҷӣ* | *Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ то соли 2016 ба 45%.<br><br>Васеъ намудани майдони заминҳои обёришаванда то соли 2016 ҳамасола ба 50 га.<br><br>Шумораи ҷойҳои нави кории ташкилгардида то соли 2016 ба 15000 адад.<br><br>То соли 2016 беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 3000 га замин.<br><br>Таъмир ва барқарорсозии 32 км каналҳо ва шабакаҳои коллекторию заҳбурҳо ва хатҳои обтаъминкунӣ.* |
| | | *1.2. Кушодани заминхои нав ва бунёди токзори нав дар ҳудуди шаҳри Истаравшан* | *1,0* | *0,2* | *0,2* | *0,2* | *0,2* | *0,2* | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Хоҷагиҳои кишоварзӣ ва соҳибкорон* | |
| | | *1.3. Бунёди 10 га боғи нав дар хоҷагии деҳқонии "Ҳоҷӣ Ҷумъабой"* | *0,2* | | *0,05* | *0,05* | *0,05* | *0,05* | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Сарчашмаҳои дохилӣ* | |
| | | *1.4. Бунёди 10 га токзори нав дар хоҷагии деҳқонии "Ҳоҷӣ Ҷумъабой"* | *0,3* | | *0,07* | *0,07* | *0,08* | *0,08* | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Сарчашмаҳои дохилӣ* | |
| | | *1.5. Ташкили фермаи чорводорӣ дар хоҷагии деҳқонии "Ҳоҷӣ Ҷумъабой"* | *0,2* | | *0,05* | *0,05* | *0,05* | *0,05* | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Сарчашмаҳои дохилӣ* | |
| | | *1.6. Сохтмони «Гармхона» дар шаҳраки Истаравшан* | *0,1* | | *0,1* | | | | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| | *2. Беҳтар намудани низоми обёрӣ ва ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ* | *2.1. Таъмир намудани каналҳои магистралии Басманда – Катта-Сой, Шаҳристон – Катта-Сой, ба дарозии 54 км.* | *5,4* | - | - | *1,4* | *2,0* | *2,0* | *Вазорати мелиоратсия ва захираҳоиоб, МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| | | *2.3. Таъмири 13 км каналҳои магистралии Катта-Сой, каналҳои 3 0К, 4 0К, 3МК-1, 4МК-1, 4МК-2;* | *1,3* | - | - | - | *0,6* | *0,7* | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Номуайян* | |
| | | *2.4. Таъмири капиталии каналҳои магистралии Басманда - Катта-Сой ва Шаҳристон-Катта-Сой ба дарозии умумии 41км.* | *4,1* | - | - | - | *2,1* | *2,0* | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Номуайян* | |
| | | *2.5. Таъмири капиталии 4км канали магистралии АР-1-2 ва 3км канали магистралии ТР-3.* | *0,7* | - | - | *0,2* | *0,2* | *0,3* | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Номуайян* | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *2.6. Сохтмони иншоотҳои обтаъминкунии АХД Навкорам, Ниҷонӣ, Ругунд, Суфи Ориф, Боги Калон, Кунҷок, Чорбог ва Боботаго* | *1,2* | *-* | *-* | *-* | *0,6* | *0,6* | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Номуайян* | |
| | | *2.7. Тоза намудани обанбори Катта-Сой* | *4,0* | *-* | *-* | *-* | *2,0* | *2,0* | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Номуайян* | |
| | | *2.8. Таъмиру тармими 57 адад чоҳҳои амудии хоҷагиҳои деҳқонии шаҳри Истаравшан* | *5,7* | *-* | *-* | *1,7* | *2,0* | *2,0* | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| | | *2.9. Сохтмони канали магистралии нақби Шаҳристон ба масофаи 40км то шаҳри Истаравшан ва бунёди иншооти обтаъминкунии Шаҳристонсой.* | *4,0* | *-* | *-* | *1,0* | *1,0* | *2,0* | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| | | *2.10.Сохтмони 22км каналҳои магистралии Охтангӣ-Шаҳристон-Яккабог, иншоотҳои обтаъминкунии Катта-Сой ва мавзеъҳои Қизилӣ ва Сексарӣ.* | *2,2* | *-* | *-* | *-* | *1,1* | *1,1* | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Номуайян* | |
| | | *2.11. Тоза намудани заҳбурҳои АХД Ҷарқургон, ҷамоати деҳоти Правда ва хоҷагиҳои мавзеи Қизилӣ.* | *0,4* | *-* | *-* | *0,1* | *0,1* | *0,2* | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Хоҷагиҳои кишоварзӣ ва АХД,* | |
| | | *2.12. Пурзӯр намудани иқтидори пойгоҳҳои обкашии ҳудуди шаҳри Истаравшан.* | *1,0* | *0,2* | *0,8* | | | | *Вазорати мелиоратсия* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | |
| | | *2.12. Бунёди шабакаи бо оби полезӣ таъмин намудани деҳаи Вогати ҷамоати Фрунзе.* | *0,2* | | *0,2* | | | | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | | *2.13. Сохтмони хатти обёрӣ барои хоҷагиҳои деҳқонии «Ситодел», «Райҳона», «Сомонӣ», «Мазбутхон», «Қутфинисо», «Намуна», «Аминхон» ва «Боги нав».* | *0,4* | | *0,4* | | | | *МИМХД шаҳри Истаравшан* | *Номуайян* | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2.14. Таъмини оби полезии деҳаи Маҳаллаи Ясӣ, ҷамоати деҳоти «Гули Сурх». | 0,2 | | 0,2 | | | | МИМҲД шаҳри Истаравшан | Номуайян | |
| | 3. Баланд бардоштани сатҳи дастрасии деҳқонон ба воситаҳои истеҳсолии кишоварзӣ | 3.1.Харидории техникаҳои кишоварзӣ барои хоҷагиҳои кишоварзии ҳудуди шаҳри Истаравшан. | 1,5 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | МИМҲД шаҳри Истаравшан | Номуайян | |
| | | 3.2. Харидории тухмиҳои хушсифат барои х/д шаҳри Истаравшан. | 0,5 | 0,2 | 0,3 | | | | МИМҲД шаҳри Истаравшан | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 3.3. Харидорӣ намудани чорвои зотӣ барои х/д шаҳри Истаравшан | 1,0 | 0,5 | 0,5 | | | | МИМҲД шаҳри Истаравшан | Хоҷагиҳои кишоварзӣ | |
| | | 3.4. Харидории захрхимикатҳо барои х/д шаҳри Истаравшан | 0,75 | 0,15 | 0,15 | 0,15 | 0,15 | 0,15 | МИМҲД шаҳри Истаравшан | Хоҷагиҳои кишоварзӣ | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаи кишоварзӣ | 36,4 | 1,56 | 3,33 | 5,23 | 12,54 | 13,74 | | | |
| | | Ҳифзи муҳити зист | | | | | | | | | |
| | 4. Рушди соҳаи ҷангал | 4.1. Бунёди 40 га буттазори хуч дар ҳудуди шаҳри Истаравшан | 0,2 | | 0,2 | | | | МИМҲД шаҳри Истаравшан | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист | 0,2 | | 0,2 | | | | | | |
| **Соҳибкории хурду миёна (СХМ)** | | | | | | | | | | | |
| Фароҳам овардани фазои созгору мусоид барои рушди соҳибкории хурду миёна | 1. Баланд бардоштани савияи дониши соҳибкорон оид ба масъалаҳои ташкили бизнес ва пешниҳод намудани имконият барои муколамаи бахши давлати бо бахши хусусӣ. | 1.1.Гузаронидани курсҳои омӯзишӣ ва ахборотӣ оид ба масъалаи кушодани бизнес, хусусан дар байни занон | 0,04 | | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | МИМҲД шаҳри Истаравшан | Сармояи хориҷӣ | Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти (кор ва хизматрасонӣ) бахши СХМ то соли 2016 то 60%. Зиёд гардидани ҳаҷми пардохтҳои бахши СХМ ба буҷети ноҳия (то соли 2016 бештар аз 45%.) |
| | | 1.2.Таъсис додани Шӯрои рушди соҳибкорӣ дар назди Миҳд шаҳри Истаравшан ва гузаронидани машваратҳои доимӣ оид ба масъалаҳои бизнес | 0,01 | 0,01 | | | | | МИМҲД шаҳри Истаравшан | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 1.3.Ташкили озмуни ҳарсолаи “Соҳибкори беҳтарини шаҳри Истаравшан”. | 0,04 | - | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | МИМҲД шаҳри Истаравшан | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 1.4.Таҳияи нақшаи генералии шаҳри Истаравшан ва муайян намудани мавзеъҳои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ. | 0,15 | | 0,15 | | | | МИМҲД шаҳри Истаравшан | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2.Беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва ташкили фаъолияти самараноки он. | 2.1.Ташкили минтақаҳои савдои наздисарҳадӣ дар ҳудуди шаҳри Истаравшан | 0,5 | - | - | - | 0,25 | 0,25 | МИМҲД шаҳри Истаравшан | Номуайян | Шумораи ҷойҳои кории нави аз ҳисоби СХМ ташкилгардида то соли 2016 тақрибан ба 4500 адад. |
| | | 2.2.Васл намудани хатти технологии истеҳсоли равгани растанӣ ва рехтани он ба зарфҳо дар яке аз корхонаҳои шаҳри Истаравшан | 0,3 | | 0,3 | | | | МИМҲД шаҳри Истаравшан | Номуайян | |
| | | 2.3.Таҷҳизонидани коргоҳи дӯзандагӣ бо технологияи навтарин дар шаҳри Истаравшан | 0,1 | | 0,1 | | | | МИМҲД шаҳри Истаравшан | Номуайян | |
| | | 2.4.Ташкили коргоҳи коркарди ҳасиб ва консерваҳои гӯштӣ дар заминаи қассобхона-кушишхонаи кооперативи истеҳсолии х/д “Абдуллоев” | 0,2 | | 0,2 | | | | МИМҲД шаҳри Истаравшан | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаи СХМ | 1,34 | 0,01 | 0,77 | 0,02 | 0,27 | 0,27 | | | |
| | | ҲАМАГӢ: | 139,86 | 14,57 | 27,31 | 35,25 | 40,21 | 22,51 | | | |
| | | Аз ҷумла:<br>Буҷети ҷумҳуриявӣ | 22,25 | 0,2 | 3,35 | 6,7 | 6 | 6 | | | |
| | | Буҷети маҳаллӣ | 0,95 | 0,21 | 0,71 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | | | |
| | | Сармояи хориҷӣ | 22,59 | 0,01 | 1,42 | 6,12 | 7,02 | 8,02 | | | |
| | | Сарчашмаҳои дохилӣ (маблағҳои соҳибкорон, хоҷагиҳои кишоварзӣ ва аҳолӣ) | 77,57 | 13,85 | 20,53 | 21,92 | 20,03 | 1,23 | | | |
| | | Норасогии маблағ | 16,5 | 0,3 | 6,78 | 13,33 | 20,18 | 21,28 | | | |

## 2.2. ИНФРАСОХТОР

### 2.2.1 Обтаъминкунӣ ва хизматрасонии рифоҳӣ (коммуналӣ)

**Таъминоти оби тозаи нӯшокӣ**. Таъмин намудани аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ, яке аз масъалаҳои мӯҳимтарини ҷомеаи имрӯзаи Истаравшан буда, беҳсозии дастрасӣ ба оби ошомиданӣ ҳафтумин Ҳадафи Рушди Ҳазорсола аст. Дастрасӣ ба оби ошомиданӣ бо дарназардошти он афзалиятҳои ҷиддие, ки дар заминаи рушди иҷтимоӣ барои шаҳри Истаравшан мавҷуд аст, аз ҷумлаи муқаддамтарин аввалиятҳо ба ҳисоб меравад. Зеро 49,5% аҳолии шаҳри Истаравшан аз норасогии оби нӯшокӣ ва оби полезӣ азият мекашанд.

*Ҷадвали №26. Дастрасии аҳолии шаҳру деҳоти Истаравшан ба оби тозаи нӯшокӣ*

| Номи маҳаллаҳо | Шумораи муштариён (аҳолӣ), ҳамагӣ | Шумораи аҳолӣ, ки ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ дорад | Сарчашмаи обгирӣ | Шумораи аҳолие, ки ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надорад | %-и таъминот бо оби тозаи ошомиданӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Маркази шаҳр | 63400 | 36835 | КДФОК | 26565 | 58,1 |
| Ҷамоати деҳоти Гули Сурх | 37378 | 3738 | КВДИОН | 33640 | 10 |
| Ҷамоати деҳоти Коммунизм | 29042 | 17425 | | 11617 | 60 |
| Ҷамоати деҳоти Нофароҷ | 9361 | 7489 | | 1872 | 80 |
| Ҷамоати деҳоти Фрунзе | 15091 | 3018 | | 12073 | 20 |
| Ҷамоати деҳоти Ленинобод | 15093 | 10565 | Чоҳҳои амудӣ | 4528 | 70 |
| Ҷамоати деҳоти Қалъаи Баланд | 8181 | 4091 | | 4091 | 50 |
| Ҷамоати деҳоти Ниҷонӣ | 9561 | 1912 | | 7649 | 20 |
| Ҷамоати деҳоти Правда | 14238 | 6407 | | 7831 | 45 |
| Ҷамоати деҳоти Пошкент | 17804 | 12463 | | 5341 | 70 |
| Ҷамоати деҳоти Ҷавкандак | 9507 | 6655 | | 2852 | 70 |
| Ҳамагӣ: | 228656 | 117758 | | 110898 | 51,5 |

Таҳлили ҳолати таъмин намудани аҳолии Шаҳри Истаравшан бо оби тозаи нӯшокӣ нишон медиҳад, ки айни замон аз 228,65 ҳазор аҳолии ҳамчун муштарии обистифодабаранда ба қайд гирифташуда, тақрибан 117,8 ҳазор нафар (ё 51,5%) мунтазам бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин мебошанду халос. Тибқи маълумоти мавҷуда, аҳолии маркази шаҳр ва 4 ҷамоати деҳоти Истаравшанро «Корхонаи Фаръии давлатии обу корезии шаҳри Истаравшан» (КДФОК) ва «Корхонаи воҳиди давлатии интиқоли оби нӯшокии шаҳри Истаравшан» (КВДИОН) бо оби ошомиданӣ таъмин намуда, дар дигар ҷамоатҳо обрасониро сокинони маҳаллӣ аз ҳисоби маблағҳои худӣ, бо тарзи кофтани чоҳҳои амудӣ ба роҳ монда истодаанд. Дар чунин ҳолатҳо ҳамаи хароҷоти пайдошаванда (кофтани чоҳҳо, хариди таҷҳизот ва хизматрасониву таъмири он) аз ҳисоби маблағҳои худи аҳолӣ сурат мегирад.

КДФОК асосан ба воситаи чоҳҳои амудӣ обро ба сокинони маркази шаҳр тавассути хати оби магистралӣ, ки дарозиаш 40 км мебошад, интиқол медиҳад. Дар шаҳри Истаравшан дар маҷмӯъ 21 адад пойгоҳҳои обкашӣ фаъолият менамоянд. Дарозии қубурҳои дохили маҳҳаллаҳои шаҳр 110 км буда, онҳо дар тавозуни корхонаҳои дар боло зикргардида қарор доранд. Хатҳои обгузари шаҳри Истаравшан дар солҳои 70-уми асри гузашта бунёд гардида, аз сабаби солҳои тӯлонӣ истифода гардидан, айни ҳол фарсудаю корношоям гардидаанд. Мутаасссифона, инфрасохтори таъминоти чоҳҳои обкашӣ бо қувваи барқ (аз ҷумла, ҳолати симчубҳо, трансформаторҳо ва ноқилҳои барқӣ) низ, дар ҳамин ҳолат қарор дорад. Тибқи маълумоти мавҷуда, танҳо барои бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин намудани сокинони қисми марказии шаҳр, зарурияти кофтани 8 чоҳи амудӣ ҷой дошта, барои иҷрои корҳои мазкур 850 ҳазор сомонӣ маблағ зарур мебошад. Инчунин, барои аҳолии ҷамоатҳои деҳот зарурияти кофтани 41 чоҳи амудӣ ҷой дошта, масъалаҳои тартиб додани нархномаи хароҷот, дарёфти маблағҳои зарурӣ, мавҷуд будани худи оби serizaminӣ дар ин мавзеъҳо, бояд алоҳида мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шаванд.

*Ҷадвали №27. Таъминоти аҳолии шаҳри Истаравшан бо оби нӯшокӣ*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | Соли 2010 нисбати соли 2008 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2008 | 2009 | 2010 | |
| 1 | Шумораи умумии муштариён аз ҳисоби аҳолӣ | оила | 8123 | 8156 | 8220 | 101,2 |
| | Ташкилотҳои буҷетӣ | адад | 29 | 29 | 38 | 131,0 |
| | Ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | адад | 85 | 88 | 93 | 109,4 |
| 2 | Пардохти хаққи истифодаи об, ҳамагӣ, аз ҷумла: | сомонӣ | 1140175 | 1139719 | 1162979 | 102,0 |
| | аҳолӣ | сомонӣ | 653987 | 654725 | 667067 | 102,0 |
| | ташкилотҳои буҷетӣ | сомонӣ | 251471 | 253370 | 256500 | 102,0 |
| | ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | сомонӣ | 234718 | 234624 | 239412 | 102,0 |
| 3 | Қарзи муштариён дар назди корхона, | сомонӣ | 298107 | 296588 | 304069 | 102,0 |
| | аз ҷумла: - аҳолӣ | сомонӣ | 180651 | 180500 | 177941 | 98,5 |
| | - ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | сомонӣ | 116140 | 119088 | 126128 | 108,6 |
| 4 | Нархи об (1 м3) барои: | | 0,18 | 024 | 0,36 | 2м |
| | аҳолӣ | сомонӣ | 8,13 | 9,96 | 13,08 | 160,9 |
| | а) хонаҳои баландошёна | сомонӣ | 38,55 | 42,39 | 58,39 | 151,5 |
| | б) хонаҳои як ошёна (маҳаллӣ) | сомонӣ | 20,05 | 25,03 | 35,39 | 176,5 |
| | ташкилотҳои буҷетӣ | сомонӣ | 0,21 | 0,36 | 0,40 | 190,5 |
| | ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | сомонӣ | 0,25 | 0,38 | 0,47 | 188,0 |
| 5 | Истеҳсоли шабонарӯзии об | ҳазор м3 | 6220 | 6580 | 7353 | 118,2 |

Инчунин, барои бартараф намудани мушкилии таъминоти пурраи аҳолии шаҳри Истаравшан бо оби тозаи нӯшокӣ, бояд масъалаи васл намудани пойгоҳҳои обкашии бардориши дуюм аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан, КВД «Хоҷагии манзилию комммуналӣ» ва дигар вазорату идораҳои дахлдор, мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор дода шавад.

Дар иртибот ба чунин вазъият, масъалаи истифодаи сарфакоронаи об, барҳам додани талафоти об ва гузаштан ба низоми истифодаи об тариқи обченкунакҳо, ба мадди аввал мебарояд.

Масъалаи дигар, ин сари вақт аз ҷониби баъзе аз гурӯҳи муштариён пардохт накардани ҳаққи хадамоти об мебошад. Ҷамъоварии маблағи хизматрасонии оби аз ҷониби аҳолӣ истифодагардида 102%-ро ташкил диҳад ҳам, дар шаҳр тамоили зиёдшавии ҳаҷми маблағҳои қарзи ташкилотҳои буҷетиву ғайрибуҷетӣ мушоҳида мегардад. Мутахассисон ҳалли масъаларо бо ҳарчӣ зудтар таъсис додани ассотсиатсияи истифодабарандагони об (АИО) маънидод намуда, ташкили АИО-ро ба мақсад мувофиқ меҳисобанд.

Яке аз роҳҳои ҳалли муаммои таъминоти обро мутахассисон бо зудтар бунёд намудани хати оби худҷорӣ аз деҳаи Бурагени ноҳияи Шаҳристон ба шаҳри Истаравшан, алоқаманд менамоянд. Бо назардошти торафт қиммат шудани маблағи истифодаи қувваи барқ ва таҷҳизоту дастгоҳҳои обкашӣ, минбаъд таъминот бо об тавассути ҷоҳҳои амудӣ мушкилтар мегардад, аз ин лиҳоз, аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ татбиқи амалии лоиҳаи сохтмони хатти оби худҷории номбурда, торафт ҷолибтар мегардад.

Дар баробари дигар мушкилиҳо, безарар гардонидани оби ошомиданӣ дар асоси технологияи муосир, барои шаҳри Истаравшан яке аз муаммоҳои рӯзмарра мебошад. Ташхис ва безараргардонии оби нӯшокӣ тавассути Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ (МНДСЭ), бо сабаби касод будани буҷа ва ҷудо нагардидани маблағ, қисмҳои эҳтиётӣ ва реактивҳо, хусусан дар ҷамоатҳои деҳот, кам гузаронида мешавад.

**Ташноб ва санитария.** Дар ҳудуди шаҳри Истаравшан дар соҳаи хоҷагии коммуналӣ Корхонаи давлатии фаръии обу канализацияи шаҳри Истаравшан фаъолият дорад, ки тамоми хадамоти коммуналӣ, аз ҷумла, тоза кардани об, инчунин қабул ва интиқоли ташнобро ба сомон мерасонад.

Шабакаи обу ташноби (канализатсия) шаҳри Истаравшан (дарозии хати калонҳаҷми ташноби шаҳр 32 км ва дарозии хати миёнаҳаҷми он 65 км ташкил медиҳад) солҳои 1965-1970 сохта шудааст ва аз сабабаи солҳои тӯлонӣ истифода бурдан, айни ҳол қариб пурра (82%) корношоям шудааст. Барои барқарор намудани шабакаи обу ташноб, аз ҷумла бунёди иншооти қабули ташноб ва обтозакунӣ, таъмири хатҳои ташнобқабулкунии калонҳаҷм ва чоҳҳои назоратӣ, маблағи зиёд (тибқи ҳисоби пешакӣ тақрибан 25 млн сомонӣ) лозим мебошад. Ҳамчунин, бинобар васеъшавии ҳудуди марказი шаҳри Истаравшан, иншооти қабули ташноб дар байни маҳаллаҳои аҳолинишин мондааст ва тибқи меъёрҳои амалкунанда, он бояд ҳарчи зудтар кӯчонида шавад.

Ҳамзамон, аз ҷониби мутахассисон масъалаи бунёди хатти мустақили обу ташноби шаҳраки навбунёди «Баҳористон» барои 6000 хонавода, алоҳида мавриди омӯзиш қарор дорад.

***Партовҳо.*** Дар шаҳри Истаравшан ба ҷамъоварӣ ва интиқолу безараргардонии партовҳои сахти маишӣ Корхонаи фаръии давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Истаравшан машғул мебошад. Корхонаи мазкур соли 1919 ташкил шуда, ба Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, мансуб мебошад.

Дар муассисаи номбурда 106 нафар коргарон фаъолият менамоянд ва асосан ба иҷрои корҳои ободонӣ, кабудизоркунӣ, тозагии санитарӣ, нигоҳдории фонди манзил ва чароғон намудани кӯчаҳои шаҳр машғул мебошанд. Дар мувозинаи муассисаи зикршуда 84 биноҳои бисёрошёна (воқеъ дар маркази шаҳр) қарор доранд, ки масоҳати умумии онҳо 117,6 ҳазор м2 мебошад. Муассиса ба 5150 нафар истиқоматкунандагони биноҳои мазкур хизматҳои коммуналӣ мерасонад.

*Ҷадвали №28. Хизматрасониҳои коммуналӣ ва фарогирии муштариён*

| Номгӯи хизматрасониҳо | Фарогирии муштариён (аҳолӣ), ба ҳисоби % |
|---|---|
| Баровардани партовҳои сахти маишӣ | 80% |
| Баровардани партовҳои моеъ | 5% |
| Нигоҳдорӣ ва истифодаи фонди манзил дар биноҳои бисёрошёна | 75% |
| Ободонӣ ва кабудизоркунӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ | 92% |

Муассиса ба ҳисоби миёна ба 16435 муштариён дар бобати ҷамъ ва баровардани партовҳои сахти маишӣ хизмат мерасонад, ки аз он 5150 нафарашон дар хонаҳои бисёрошёна истиқомат менамоянд.

Ҳаҷми миёнаи солонаи партовҳои сахти маишии (ПСМ) амалан баровардашаванда, ба ҳар як нафар аҳолии шаҳри Истаравшан 2,5 $м^3$–ро ташкил медиҳад, аммо меъёри муайяншудаи ғундоштани ПСМ дар шаҳр ба як нафар истиқоматкунанда 0,85 $м^3$ ва барои як оила дар бахши хусусӣ 8,5$м^3$ –ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки сол то сол ҳаҷми партовҳои сахти маишӣ дар шаҳр зиёд шуда истодааст, аз он ҷумла, агар дар соли 2008 муассиса ҳамагӣ 14 ҳазор $м^3$ ПСМ бароварда бошад, пас дар соли 2010-ум 16,1 ҳазор $м^3$ ПСМ баровардааст, ки мутаносибан 15 фоиз зиёд мебошад.

Дар муассисаи мазкур барои ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ 3 адад автомашинаи тамғаи ГАЗ-53, 1 адад автокрани ЗИЛ, 1 адад автомошинаи обпошии ЗИЛ, 1 адад автомашинаи КАМАЗ, 1 адад трактор бо притсепаш ва 1 адад трактори тамғаи «Белорус-Малютка» кор мекунанд. Шумораи автомашинаҳои мавҷуда барои хизматрасонии пурраи аҳолии шаҳр нокифоя мебошад.

Партовгоҳи шаҳр дар масофаи 12,5 км ҷойгир буда, дар ҳолати ғайрисанитарӣ қарор дорад. Аз сабаби нокифоягии техникаи махсусгардонидашуда, партовгоҳ сари вақт тозаву безарар ва хокпӯш карда намешавад. Дар натиҷа, масоҳати он торафт васеъ шуда, партовҳо ба заминҳои кишоварзӣ паҳн гардида, сабабгори паҳншавии касалиҳои гуногун шуда метавонанд (тибқи мушоҳидаҳо масоҳати партовгоҳ то 2-3 маротиба аз масоҳати муқарраршуда зиёд аст). Барои иҷрои корҳои тозаву безараргардонӣ ва

хокпӯш намудани партовҳо маблағи зиёд зарур аст, аммо ҳалли ин масъала аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ бо назардошти имкониятҳои маҳдуди молиявӣ, ғайриимкон мебошад. Дар ин самт, бобати ҷалби маблағҳои ташкилотҳои байналхалқӣ корҳо бояд ҷоннок карда шаванд.

Инчунин, дастрас намудани миқдори зарурии техникаи нави махсусгардонидашуда, аз ҷумла қуттиҳои махсуси партовҷамкунӣ, автомашинаҳои партовбарорӣ, экскаваторҳои ҳозиразамон, автомашинаҳои обкашонӣ, мошини ассенизатор ва барои аз ҳудуди ҷамоатҳои деҳот баровардаи партовҳо 11 адад тракторҳои партовбарорӣ зарур аст.

Дар баробари ин, пурзӯр намудани корҳои тарғиботӣ ҷиҳати роҳҳои муосири ҷамъоварии партов ва истифодаи партовгоҳҳо ба мақсад мувофиқ буда, ташкили корхонаҳои коркарди партов, деворбандӣ намудани партовгоҳ ва ташкили партовгоҳҳо дар ҷамоатҳои деҳот, ба нақшаи амал ворид шудаанд.

### 2.2.2. Таъминот бо барқ ва газ

Барқтаъминкунии аҳолии шаҳру деҳоти Истаравшан аз ҷониби ҶСК «Шабакаҳои барқӣ»-и шаҳри Истаравшан ба роҳ монда шудааст. Интиқоли барқ дар мавсими тобистон бе мамоният буда, дар мавсими зимистон барқ аз рӯи меъёри муайян дода мешавад.

*Ҷадвали №29. Ҳаҷми фурӯши барқ дар шаҳри Истаравшан дар давоми солҳои 2008 – 2010*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | Соли 20010 нисбат ба соли 2008 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2008 | 2009 | 2010 | |
| 1 | Фурӯши умумии барқ | ҳазор сомонӣ | 6710,2 | 12316,4 | 14946,4 | 222,7 |
| 2 | Ҳаҷми умумии барқи фурӯхташуда | ҳазор кВт/с | 136,2 | 172,6 | 173,4 | 127,3 |
| 3 | Аз ҷумла, -ба аҳолӣ | ҳазор сомонӣ | 3705,2 | 7697,5 | 10436,4 | 281,7 |
| - | ҳаҷми умумӣ | ҳазор кВт/с | 86,3 | 116,0 | 115,9 | 134,3 |
| 4 | -ба ташкилотҳои буҷетӣ | ҳазор сомонӣ | 263,8 | 381,9 | 455,8 | 172,8 |
| 5 | -ба ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | ҳазор сомонӣ | 2741,2 | 4237 | 4054,2 | 147,9 |
| | ҳаҷми умумӣ | ҳазор кВт/с | 50,6 | 56,6 | 57,5 | 113,6 |
| 6 | Нархи 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна): | | | | | |
| | - ба аҳолӣ | дирам | 2,67 | 6,36 | 7,63 | 285,8 |
| | -ташкилотҳои буҷетӣ; | дирам | 2,90 | 5,44 | 8,5 | 293,1 |
| | -ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | дирам | 9,3 | 13,68 | 21,30 | 229,0 |
| 7 | Қарзи умумии муштариён дар назди корхона, аз ҷумла: | ҳазор сомонӣ | 1816,9 | 8215,6 | 9399,9 | 517,4 |
| | - аҳолӣ | ҳазор сомонӣ | 1185,7 | 4415,6 | 8351,1 | 704,3 |
| 8 | - талафоти умумӣ | ҳазор кВт/с | 26306,8 | 24757,1 | 37360,0 | 142,0 |
| | -талафоти умумӣ | % | 16% | 12,3 | 17,3 | 10812,5 |

Дар тавозуни корхонаи «Шабакаҳои барқии Истаравшан» 6 адад истгоҳҳои фаръии 110/35/6-10кВ бо 8 адад трансформаторҳои 110 кВ ва 1 адад трансформатори 35 кВт қарор дорад, ки тавоноии умумиашон 139,4 МВатт мебошад. Корхонаи мазкур, тақрибан ба 40 ҳазор муштариён, аз ҷумла, корхонаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ, муассисаҳои буҷетӣ ва дигар истифодабарандагону муштариёни маишӣ, тавассути 889 зеристгоҳи трансформатории тавоноии умумиашон 177,8 кВт хизмат мерасонад. Мавриди зикр аст, ки дар ҳолати фаъолияти пурраи корхонаҳои истеҳсолӣ, тавоноии мавҷуда нокифоя буда, ба зиёдбории истгоҳҳои фаръӣ сабаб мегардад.

Афзоиши нуфуси аҳолӣ, бунёди маҳаллаи нави аҳолинишини «Баҳористон» ва дигар маҳаллаҳои нав дар деҳот, инчунин нокифоягии иқтидорҳои мавҷуда, зарурияти таҳияю татбиқ ва зиёд намудани иқтидору тавоноии шабакаҳои барқии шаҳри Истаравшанро тақозо менамояд.

Масъалаи дигари асосӣ барои шаҳру деҳоти Истаравшан, ин таҷдиди инфрасохтори соҳаи барқтаъминкунӣ мебошад. Айни замон, дар ҳамкорӣ бо Бонки Осиёгии

Рушд гуфтушунид бобати оғози марҳилаи сеюми лоиҳаи таъмиру таҷдиди симчубу хатҳои интиқоли барқ идома дошта, дар назар аст, ки дар ин марҳила барои иҷрои корҳои сохтмонии хатти барқ ба масофаи 9 км дар ҳаҷми 4 млн сомонӣ маблағ ҷудо карда мешавад.

**Газтаъминкунӣ.** Дар шаҳри Истаравшан дар самти таъминоти муштариён бо гази табии ҶСК «Истаравшангаз» фаъолият менамояд. Дар тавозуни муассисаи мазкур 28882,5 метри тӯлонӣ хати интиқоли фишораш миёна ва 147528,5 метри тӯлонӣ хати интиқоли фишораш паст қарор дорад.

Аҳолии маркази шаҳри Истаравшан, як қисми аҳолии ҷамоатҳои деҳоти Коммунизм, Фрунзе, Гули Сурх, Пошкент, Правда, муассисаҳои соҳаҳои иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ва нуқтаҳои газпуркунии автомобилӣ, бо гази табиӣ таъмин буда, шумораи умумии муштариён 13,2 ҳазорро дар бар мегирад. Дар соли 2010 дар ҳаҷми 2,5 млн метри мукааб гази табиӣ интиқол дода шуд, аммо ин нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2008 оид ба интиқоли газ 4 маротиба кам мебошад.

Дарозии умумии хатҳои интиқоли газ дар шаҳри Истаравшан 176,4 км, аз он ҷумла дарозии қубурҳои фишори миёна 28,9 км ва дарозии қубурҳои фишори паст 147,5 км-ро ташкил медиҳад.

Тибқи маълумоти мавҷуда, қариб сеяки аҳолии Истаравшан аз гази табиӣ истифода мебаранд. Дар ин самт, бунёди бештари нуқтаҳои фурӯши гази моеъ дар маркази шаҳрак ва хусусан дар деҳот ба мақсад мувофиқ мебошад.

*Ҷадвали №30. Таъминоти аҳолии шаҳри Истаравшан бо гази табиӣ*

| Номи | %-и таъминот бо гази табиӣ | Дарозии хатҳои интиқоли газ | Мушкилиҳои асосии таъминоти газ |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, тибқи ҶСК «Истаравшангаз» | 31,6 | хати фишораш миёна-28882,5 метри тӯлонӣ. | Набудани гази истеҳсоли худӣ. Мунтазам баланд шудани нархи гази табиӣ. |
| | | хати фишораш паст-147528,5 метри тӯлонӣ. | |

Мутахассисон мушкилоти соҳаро асосан бо набудани гази истеҳсоли худӣ ва мунтазам баланд шудани нархи гази табиӣ маънидод менамоянд.

Қисми зиёди аҳолии шаҳру деҳоти Истаравшан барои гарм кардани хонаҳо аз сӯзишвории сахт (ангишт, хокаи ангишт, ҳезум ва дигар буттаҳои саҳроӣ) истифода мебаранд. Аз ҷониби аҳолӣ ҳезум асосан аз ҳисоби буридани дарахтони бисёрсолаи талу теппаҳо ва дигар буттаҳои саҳроӣ захира карда мешавад, ки ин ба муҳити зист таъсири манфӣ расонида, дар бисёр мавридҳо боиси рух додани офатҳои табиӣ мегардад.

### 2.2.3. Нақлиёт, роҳҳо ва алоқа

**Нақлиёт ва роҳҳо.** Дар соҳаи нақлиёти истифодаи умум, яъне мусофиркашонӣ ва боркашонии шаҳри Истаравшан, хизматрасониҳо тавассути корхонаҳои хурди нақлиётӣ ва соҳибкорони инфиродӣ амалӣ мегарданд.



Дар шаҳр зиёда аз 314 нафар соҳибкорони инфиродӣ ва 3 адад корхонаҳои хурди нақлиётӣ фаъолияти пурсамар доранд.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, дар шаҳри Истаравшан то 1 январи соли 2011-ум, 11475 адад нақлиёт ба қайд гирифта шудааст. Аз шумораи мазкур 9185 адад (ё 80 фоиз) автомабили сабукрав, 1174 адад (ё 10 фоиз) автомабили боркаш, 501 адад автобусу мироавтобусҳо ва 615 адад дигар намуди нақлиёт мебошанд.

Дар соли 2010 бо назардошти ҳамлу нақли байналмиллалӣ, ҳаҷми боркашонӣ 123,1 ҳазор тонна, гардиши борҳо 6781,5 млн. тонна/км, мусофиркашонӣ 1787,1 млн. мусофир ва гардиши мусофирон 141887,2 млн. мусофир/км-ро ташкил додааст.

Дар ҳудуди шаҳри Истаравшан 282,9 километр роҳҳои автомобилгард мавмебошад, ки аз он 39 км роҳҳои автомобилгарди истифодаи умумии аҳамияти байналмиллалӣ дошта, 85,3 км роҳҳои автомобилгарди истифодаи умумии аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта ва 188,5 км роҳҳои автомабилгарди истифодаи умумии аҳамияти маҳаллӣ дошта мебошанд.

Ғайр аз ин, дар ҳудуди шаҳр 167 км кӯчаҳои дохили маҳаллаҳои маркази шаҳри Истаравшан, 301 км роҳҳои автомобилгарди байни деҳаҳо, 178 км роҳҳои автомобилгарди дохили деҳаҳо ва 201 км роҳҳои автомобилгарди дохили хоҷагӣ мавҷуданд.

Аз рӯи намуди фарш 144,7 км роҳҳо мумфарш, 86,8 км роҳҳо фаршашон аз омехтаи шағалу мум, 140,2 км роҳҳо шағалпӯш ва 379 км роҳҳо фаршашон хокӣ мебошад.

Дар назар аст, ки барои фароҳам овардани шароити мусоиди зист, дар шаҳраки навбунёди «Баҳористон» 40 км ва дар маҳаллаҳои нави ҷамоатҳои деҳот 270 км роҳҳои автомабилгарди нав сохта мешаванд.

Аз сабаби нокифоя будани маблағҳои барои нигоҳдории роҳҳои мавҷуда ҷудошуда, дар тӯли 20 соли охир ҳолати роҳҳо хеле ногувор гаштааст. Дар асоси таҳлили вазъи кунунии роҳҳои истифодаи умумии шаҳру деҳоти Истаравшан, як қатор мушкилиҳои асосии соҳа муайян гардиданд. Аз ҷумла, нокифоягии иқтидори мошингузаронии пули маркази шаҳр ва дигар пулҳои мавҷуда, дар ду тарафи роҳ мавҷуд набудани новаҳои обгузар ва кӯҳна шудани қубурҳои канализатсионӣ.

**<u>Заминаи техникӣ.</u>** Дар шаҳри Истаравшан «Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Истаравшан» ба фаъолияти роҳдорӣ машғул мебошад. Муассисаи мазкур танҳо барои хизматрасонии 232 км роҳҳо имконият дорад. Дар муассисаи мазкур 65 корманди роҳ барои таъмир ва нигоҳдори 232 км роҳҳои истифодаи умум фаъолият мебаранд, аз ҳамин сабаб муассисаи номбурда имконияти хизматрасонии 771 км роҳҳои мавҷударо надорад.

Барои мустаҳкам намудани базаи техникии муассисаи мазкур, он бояд бо техникаҳои махсуси роҳсозӣ, ба монанди экскаватор, каток, автокран, автомашинаи боркашонии КАМАЗ, булдозер, автомашинаи махсуси одамкашонии тамғаи ГАЗ-53, мошини мумфаршкунанда ва корхонаи хурди асфалтбарорӣ таъмин карда шавад.

Бинобар набудани шабакаи роҳи оҳан, корхонаю муассисаҳо ва соҳибкорони шаҳри Истаравшан барои интиқоли молу маҳсулот аз истгоҳҳои роҳи оҳани ноҳияҳои Спитамен ва Ҷаббор Расулов истифода мебаранд, ки ин дар навбати худ хароҷоти иловагиро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, дар сурати пайдо шудани имконияти молиявӣ бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ бунёд намудани хати роҳи оҳани Спитамен-Истаравшан ба мақсад мувофиқ мебошад.

*Ҷадвали №31. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаҳои инфрасохтор (хоҷагии роҳ) дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2013-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Дарозии умумии роҳҳои автомобилгард – ҳамагӣ (км) | 399 | 399 | 399 | 399 | 399 | 100 |
| аз он ҷумла: бо болопӯши сахт | 329,6 | 329,6 | 329,6 | 329,6 | 329,6 | 100 |
| аз онҳо: бо болопӯши мукаммал | 196,3 | 196,3 | 196,3 | 196,3 | 196,3 | 100 |
| Аз дарозии умумии роҳҳо: | | | | | | |
| Роҳҳои истифодаи умум – ҳамагӣ (км) | 232 | 232 | 232 | 232 | 232 | 100 |
| аз он ҷумла: бо болопӯши сахт | 191,8 | 191,8 | 191,8 | 191,8 | 191,8 | 100 |
| аз онҳо: бо болопӯши мукаммал | 105 | 105 | 150 | 105 | 150 | 100 |
| Роҳҳои истифодаи ғайриумум – ҳамагӣ (км) | 167 | 167 | 167 | 167 | 167 | 100 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| аз он ҷумла: бо болопӯши сахт | 91,3 | 91,3 | 91,3 | 91,3 | 91,3 | 100 |
| аз онҳо: бо болопӯши мукаммал | --- | --- | --- | --- | --- | --- |
| Роҳҳо аз рӯи аҳамияташон: (км) | 323 | | | | | |
| Ҷумҳуриявӣ | 43,5 | 43,5 | 43,5 | 43,5 | 43,5 | 100 |
| Маҳаллӣ | 188,5 | 188,5 | 188,5 | 188,5 | 188,5 | 100 |
| Дарозии роҳҳои оҳан, ҳамагӣ | --- | --- | --- | --- | --- | --- |

**Алоқа.** Бахши шаҳрии ҶС «Тоҷиктелеком», ки дар шаҳри Истаравшан фаъолият менамояд, дорои 3935 нуқтаи телефонии шаҳрӣ, 241 нуқтаи телефонии ШТД (СТС) ва 83 нуқтаи радио мебошад. Солҳои охир дар баробари рушди хадамоти телефонии мобилӣ, даромаднокии муассиса коҳиш ёфта истодааст.

Сокинони шаҳри Истаравшан аз хизматрасонии шабакаҳои алоқаи мобилии «ТСЕЛЛ», «Мегафон», «Вавилон», «Билайн» ва «ТК-Мобайл» истифода мебаранд.

Дар ҳудуди шаҳри Истаравшан тамоми барномаҳои телевизионии ҷумҳуриявӣ (ТВТ, ТВ Сафина, Ҷаҳоннамо ва Баҳористон) пахш мегарданд. Инчунин, мардуми шаҳру деҳоти Истаравшан аз барномаҳои телевизиони вилояти Суғд, телевизони шаҳрии «Афшин» ва «Курушкада» ва 2 шабакаи радиои маҳаллӣ баҳраманд мебошанд. Дар шаҳр рӯзномаи «Ҳақиқати Истаравшан» амал мекунад ва он бо теъдоди 5000 ҳазор нусха нашр мегардад.

*Ҷадвали №32. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи алоқа дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2013-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2013 бо % нисбати с.2012 . | с.2014 | с.2015 | |
| Дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ (ҳаз. канал/км) | 12 | 14,4 | 16,8 | 116,7 | 21,6 | 24 | 200 |
| Шумораи истгоҳҳои телефонӣ (адад) | 3 | 3 | 4 | 133,3 | 5 | 6 | 200 |
| Ғунҷоиши истгоҳҳои телефонӣ (ҳаз. рақам ) | 7,032 | 7,032 | 7,512 | 107,1 | 7,992 | 8,472 | 121 |
| Шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асоси (ҳаз. адад) | 56 | 80 | 100 | 125,0 | 120 | 160 | 286 |
| Шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ (ҳаз. мушт.) | 4,2 | 4,5 | 5 | 111,1 | 6 | 7 | 166,7 |
| Шумораи истифодабарандагони шабакаи «Интернет» (ҳаз. муштари) | 4,0 | 6,0 | 8,0 | 133,3 | 12,0 | 20,0 | 500 |
| Даромад аз фаъолияти асосии соҳаи алоқа (ҳазор сомони) | 290,4 | 310,4 | 331,8 | 331,8 | 354,7 | 379,2 | 130,6 |
| Ҳаҷми хизматрасонии алоқа ба аҳолӣ (ҳазор сомони) | 176,3 | 188,5 | 201,5 | 106,9 | 215,4 | 230,3 | 130,6 |

**Мушкилиҳои соҳаҳои инфрасохтор.** Дастрасӣ надоштан ба оби тозаи нӯшокӣ ва оби полезӣ, пурра пардохт нашудани ҳаққи хадамоти об аз ҷониби истифодабарандагон, корношоям гардидани шабакаҳои обу ташноб, мавҷуд набудани техника барои кашонидани ПСМ ва тоза нигоҳ доштани партовгоҳҳо, фарсудагӣ ва таъмирталабии инфрасохтори барқрасонӣ, набудани хати интиқоли барқ ва трансформоторҳои пуриқтидор дар маҳалҳои нави аҳолинишин, нокифоягии нуқтаҳои фурӯши гази моеъ, хусуан дар деҳоти дурдаст, хизматрасонии пасти соҳаи алоқа ва дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ.

## 2.2.4. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои инфрасохтори шаҳри Истаравшан

*Ҷадвали №33*

| Ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши умум (млн. сомонӣ) | С О Л Ҳ О | | | | | Масъул | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| **Оби нӯшокӣ ва хизматрасонии манзилию рифоҳӣ** | | | | | | | | | | | |
| Таъмини дастраси доимии аҳолӣ бо хизматрасонии сифатноки коммуналӣ | 1. Баланд бардоштани дастрасии аҳолии шаҳр ба оби нӯшокии хушсифат ва хизматрасонии корезӣ | 1.1. Кофтани 8 чоҳи амудии нав барои бо об таъмин намудани сокинони маҳаллаҳои маркази шаҳр | 0,85 | | 0,35 | 0,5 | | | МИМХД шаҳри Истаравшан | Буҷети маҳаллӣ | Ҳиссаи аҳолии бо оби ошомиданӣ дастрасӣ дошта то соли 2016 то 75% зиёд гардидааст. Ҳиссаи аҳолии аз хизматрасонии обу ташноб истифодабаранда то соли 2016 то 50% зиёд гардидааст. Ҳаҷми баровардани ПСМ (тонна) то соли 2016 то 55% афзоиш ёфтааст. |
| | | 1.2. Кофтани 41 адад чоҳи амудии нав барои бо об таъмин намудани сокинони ҷамоатҳои шаҳр | 3,1 | | 1,0 | 1,1 | 1,0 | | МИМХД шаҳри Истаравшан | Номуайян | |
| | | 1.3. Таъсис додани ассотсиатсияи истифодабарандагони об (АИО) | 0,01 | | | | | | МИМХД шаҳри Истаравшан | Маблагҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ ва аҳолӣ | |
| | | 1.4. Таҷдиду барқарорсозии шабакаи обу ташноби шаҳри Истаравшан | 24,85 | | 6,0 | 7,0 | 7,0 | 4,85 | МИМХД шаҳри Истаравшан | Сармояи хориҷӣ (БАТР) | |
| | | 1.5. Бунёди хатти мустақили обу ташноби шаҳраки навбунёди «Баҳористон» барои 6000 хонавода | 1,0 | | | | | 1,0 | МИМХД шаҳри Истаравшан | Номуайян | |
| | 2. Беҳтар намудани хизматрасонии манзилию рифоӣ | 2.1. Безарар ва хокпӯш намудани партовгоҳи шаҳрӣ (12.5 км) | 1,0 | | | | 0,5 | 0,5 | МИМХД шаҳри Истаравшан | Номуайян | |
| | | 2.2. Харидорӣ намудани техникаи ҳозирзамон барои тоза ва кашонидани ПСМ | 3,8 | | 0,9 | 0,9 | 1,0 | 1,0 | МИМХД шаҳри Истаравшан | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаи дар соҳаи таъминоти оби нӯшокӣ ва ХМК | 34,61 | | 8,25 | 9,5 | 9,5 | 7,35 | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нақлиёт** | | | | | | | | | | | |
| Беҳтар намудани инфрасохтори нақлиёт | 3. Беҳтар намудани ҳолати роҳҳо | 3.1. Таъмири роҳи автомобилгарди Истаравшан-Уяс-Зафаробод ( 15,5км) | 0,7 | | 0,2 | 0,2 | 0,3 | | Вазорати нақлиёти ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | То соли 2016 то таъмир ва барқарорсозии 70 км роҳҳои автомобилгарди маҳаллӣ.<br><br>Афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ то соли 2016 то 60% ва ҳаҷми боркашонӣ то 75%. |
| | | 3.2. Таъмири роҳи автомобилгарди Истаравшан-Вогат-Ругунд (4,2км) | 0,6 | | 0,3 | 0,3 | | | Вазорати нақлиёти ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 3.3. Таъмири роҳи автомобилгарди Истаравшан-Ниҷонӣ-Ругунд (1км) | 0,2 | | 0,1 | 0,1 | | | Вазорати нақлиёти ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | 3.А. Таҷдид ва барқарорсозии фурудгоҳи шаҳри Истаравшан | 5. Эҳёи фаъолияти фурудгоҳи Истаравшан | 3,8 | | 1,9 | 1,9 | | | КВД “Тоҷикаэронавигатсия” | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаи нақлиёт | 5,3 | | 2,5 | 2,5 | 0,3 | 10,6 | | | |
| **Барқтаъминкунӣ** | | | | | | | | | | | |
| Таъминоти самаранок ва хусусияти нерӯи барқ | 4. Беҳтар намудани хадамоти барқтаъминкунӣ | 4.1. Сохтмони хати интиқолии барқи 10 кВ ба масофаи 18 км то шаҳраки Баҳористон бо 10 адад трасфарматори иқтидораш 400 кВА | 1,5 | - | 0,5 | 0,5 | 0,5 | - | ШСХК “Барқи тоҷик” | Буҷети ҷумҳуриявӣ | То соли 2016 сохта ба истифода дода шудани 50 км хатти нави интиқоли барқ ва беҳтар намудани ҳолати барқтаъминкунии 95% аҳолӣ. |
| | | 4.2. Сохтмони хати интиқоли барқ 0,4-6 кВ дар шаҳраки Баҳористон | 2,0 | - | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | ШСХК “Барқи тоҷик” МИМХД шаҳри Истаравшан | Буҷети маҳаллӣ. Сарчашмаҳои дохилӣ | |
| | | 4.3. Сохтмони хати интиқоли барқ 0,4-6 кВ дар маҳалаҳои навиташкилӣ шаҳр | 2,0 | - | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | ШСХК “Барқи тоҷик” МИМХД шаҳри Истаравшан | Номуайян | |
| | | 4.4. Сабукбор намудани 6 истгоҳи барқии мавҷуда | 0,2 | | 0,2 | | | | ШСХК “Барқи тоҷик” МИМХД шаҳри Истаравшан | Буҷети маҳаллӣ. | |
| | | 4.5. Таъмиру таҷдиди симчубу хатҳои интиқоли барқи мавҷуда ба масофаи 40 км | 24 | | 6 | 6 | 6 | 6 | ШСХК “Барқи тоҷик” МИМХД шаҳри Истаравшан | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *4.6. Таъмиру таҷдиди симчубу хатҳои интиқоли барқ дар масофаи 9 км* | *4,0* | | *4,0* | | | | *МИМҲД шаҳри Истаравшан* | *Сармояи хориҷӣ (Бонки Осиёгии Рушд)* | |
| | | *Ҳамагӣ дар соҳаи барқтаъминкунӣ.* | *33,7* | | *11,7* | *7,5* | *7,5* | *7* | | | |
| | *ҲАМАГӢ:* | | *73,61* | | *22,46* | *19,5* | *17,3* | *14,35* | | | |
| | *Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ* | | *30,8* | | *9* | *9* | *6,8* | *6* | | | |
| | *Буҷети маҳаллӣ* | | *3,05* | | *1,05* | *1* | *0,5* | *0,5* | | | |
| | *Сармояи хориҷӣ* | | *32,65* | | *10,9* | *7,9* | *8* | *5,85* | | | |
| | *Сарчашмаҳои дохилӣ* | | *0,01* | | *0,01* | | | | | | |
| | *Норасоии маблаг* | | *7,1* | | *1,5* | *1,6* | *2* | *2* | | | |

## 2.3. ИҶТИМОИЁТ
### 2.3.1 ТАНДУРУСТӢ

**Солимии модар ва кӯдак.** Баланд бардоштани сатҳи саломатии аҳолӣ, самти муҳими соҳаи иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, масъалаҳои беҳтар кардани вазъи солимии аҳолӣ, дастрасӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои босифати тиббӣ, аз ҷумла ба табақаи осебпазиру камбизоати аҳолӣ, хусусан занон ва кӯдаконро дар бар мегирад.

Тибқи маълумоти мавҷуда дар шаҳри Истаравшан ба санаи 1 январи соли 2011 шумораи занони синни репродуктивӣ 57030 нафарро ташкил додааст.

*Ҷадвали №34. Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, сатҳи фавти модар дар шаҳри Истаравшан*

| Нишондод | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ таваллуд | 6228 | 6468 | 7050 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 6087 | 6371 | 6940 |
| Бо фоиз | 97,7 | 98,5 | 98,4 |
| Таваллуд дар хона | 142 | 97 | 111 |
| Бо фоиз | 2,2 | 1,4 | 1,5 |
| Фавти модар (шумораи фавт/ ба 100 ҳаз. з/т) | 2/32 | 2/31 | 2/28 |
| Занҳои синни қобили таваллуд (аз 15 то 46 сола) | 54492 | 55823 | 57030 |



Таҳлили нишондиҳандаҳои омори расмии солҳои охир аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шаҳри Истаравшан дар давоми 3 соли охир 6 ҳолати фавти модар ба қайд гирифта шудааст. Омӯзиши масъала нишон дод, ки падидаҳои манфии саломатии занони синни қобили таваллуд дар шаҳри Истаравшан, асосан ба суст шудани татбиқи Барномаҳои соҳавии саломатии репродуктивӣ ва танзими оила, фаъолияти нокифояи КАТС (ПМСП) (хусусан хадамоти хизматрасонии то таваллуд), аз ҷониби занон риоя нагардидани фосилаи байни таваллуд ва норасоии дастрасии занон ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл, алоқаманд мебошад.

Аз рӯи маълумоти расмии мутахассисони соҳа, риоя нагардидани фосилаи байни таваллуд, ба бадшавии саломатии модар ва кӯдак таъсири манфӣ мерасонад ва хатари ҳодисаҳои фавтро ҳангоми таваллуд ба вуҷуд меорад. Дар шаҳри Истаравшан ҳодисаҳои таваллуд дар хона асосан дар деҳаҳои Навобод, Ваҳдат ва Ругунд мушоҳида шуда, чунин ҳолатро мутахассисон асосан вобаста бо анъанаҳои то ҳол аз байн нарафтаи сокинони деҳоти дурдаст маънидод менамоянд.

*Ҷадвали №35. Камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳое, ки аз давраи ҳомилагӣ баромадаанд*

| Нишондод | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои аз ҳомилагӣ баромада | 5228 | 5330 | 6120 |
| Камхунии алоқаманд бо норасоии оҳан | 4982 | 5062 | 5152 |
| Бо фоиз | 95,2 | 94,9 | 84,1 |
| Ҳолатҳои норасоии йод | 769 | 897 | 930 |
| Бо фоиз | 14,7 | 16,8 | 15,1 |

Таҳлили вазъият нишон медиҳад, ки фоизи бемории камхунӣ дар байни занҳои қобили таваллуд ва ҳомиладори шаҳри Истаравшан 2,1-2,4 маротиба аз нишондиҳандаи ҷумҳуриявӣ баландтар мебошад (нишондиҳандаи миёнаи умумиҷумҳуриявӣ 40%-ро ташкил медиҳад). Сабаби асосии ҳолати зикргардида, ба риоя нагардидани фосилаи байни таваллуд аз ҷониби занон, таъминоти ғайриқаноъатбахш бо ғизои солим аз сабаби камбизоатии аҳолӣ ва сатҳи пасти иттилоотнокӣ оид ба масъалаҳои пешгирии бемориҳо, алоқаманд мебошад. Мушкилоти дигари алоқаманд ба солимии модар, норасогии йод аз сабаби паст будани сифати маҳсулоти ғизоӣ (йодкунии маҳсулоти ғизоӣ) ва сатҳи пасти иттилоотнокии занон оид ба пешгирии касалии мазкур мебошад.

Солҳои охир дар шаҳри Истаравшан, раванди кам шудани теъдоди ҳодисаҳои фавти кӯдакони навзод мушоҳида мегардад. Чунончӣ, соли 2010 142 ҳолати фавти кӯдакони то 5 сола ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2009 ба 22 ҳолат ё 13,4% кам мебошад.

*Ҷадвали №36. Динамикаи фавти кӯдакони навзод ва кӯдакони то 5 сола дар шаҳри Истаравшан*

| Нишондод | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Фавти кӯдакони то 5 сола ба 1000 з/т (шумораи ҳодисаҳо) | (138) | (164) | (142) |
| Ба 1000 з/т | 22,1 | 25,3 | 20,2 |
| Фавти навзодони то 1 сола ба 1000 з/т (шумораи ҳодисаҳо) | 118 | 147 | 141 |
| Ба 1000 з/р | 19,2 | 22,6 | 20,0 |

Дар шаҳр ва деҳаҳои ҳудуди Истаравшан кӯдакон бисёртар гирифтори шаклҳои мухталифи сирояти шадиди роҳи нафас (СШН), бемориҳои дарунрав (БД) мешаванд. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар солҳои охир теъдоди бемориҳои мазкур, тамоили пастшавӣ дорад. Ин омил бо ҷоннок намудани фаъолият дар самти ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона ва татбиқи амалии барномаи умумии эмкунӣ дар сатҳи КАТС алоқаманд мебошад. Дар баробари ин, то 30%-и ҳодисаҳои фавти кӯдакон дар шаҳри Истаравшан, ба касалиҳои модарзодӣ алоқаманд буда, инчунин дигар сабабҳои муайянкунанда, аз қабили инфексияҳои дохилиҳамлӣ, сактаи дил, СШН ва гирифтани осеб ҳангоми таваллуд, мушоҳида мегарданд.

*Ҷадвали №37. Сатҳи паҳншавии бемориҳо дар байни кӯдакони шаҳри Истаравшан*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2008 | Соли 2009 | Соли 2010 |
|---|---|---|---|
| Кӯдакони то 14 сола | 73484 | 75141 | 76404 |
| СШН | 15328 | 25078 | 21062 |
| Аз рӯи фоиз | 20,9 | 33,4 | 27,6 |
| Бемории дарунрав | 1357 | 2234 | 3123 |
| Аз рӯи фоиз | 1,8 | 3,0 | 4,1 |
| Кӯдакони то 5 сола | 29520 | 29952 | 32644 |
| СШН | 8452 | 7271 | 6094 |
| Аз рӯи фоиз | 11,5 | 9,7 | 8,0 |
| Бемории дарунрав | 1674 | 1407 | 1776 |
| Аз рӯи фоиз | 2,3 | 1,9 | 2,3 |
| Шумораи кӯдакони то 1 сола | 5294 | 6093 | 6900 |
| Гипотрофия | 510 | 419 | 307 |
| Аз рӯи фоиз | 0,7 | 0,6 | 0,4 |
| Камхунӣ | 667 | 571 | 421 |
| Аз рӯи промил | 0,9 | 0,8 | 0,6 |

Мавриди тазаккур аст, ки дар байни навзодон ва кӯдакони шаҳри Истаравшан бемориҳои гипотрофия (30%) ва камхунӣ (норасоии оҳан) (50%) низ мушоҳида мешавад. Сабаби пайдо шудани бемориҳои номбаршуда, асосан ба риоя накардани фосилаи байни таваллуд, ғизодиҳии нодуруст, камбизоатӣ ва сатҳи пасти иттилоотнокии занон оид ба масъалаҳои синамаконӣ ва ғизодиҳии иловагӣ, алоқаманд мебошад.

**Бемориҳои сироятӣ ва дигар касалиҳо.** Таҳлили вазъи бемориҳои сироятӣ дар шаҳри Истаравшан чунин натиҷаҳоро нишон медиҳад:

Дар ҳудуди шаҳр новобаста аз он, ки барномаи DOTS фаъолият дорад ва дар доираи он ашхосе, ки бо ташхиси касалии сил ба қайд гирифта шудаанд ва ба онҳо муолиҷаи комплексии бепул пешниҳод мегардад, мутассифона афзоиши теъдоди бемориҳои сил ба назар мерасад.

Яке аз мушкилотҳои таъмини солимии аҳолии шаҳр бемории гелминтоз ба ҳисоб меравад. Гурӯҳи асосии осебпазири аҳолӣ, кӯдакони синни то 14 сола мебошанд. Шумораи гирифторони бемории мазкур соли 2010 нисбат ба соли 2008 - 47,5% афзудааст.

Сабаби асосии он сатҳи пасти огоҳии аҳолӣ оид ба риояи қоидаҳои санитарӣ ва гигиенӣ, инчунин мавҷуд набудани шароити санитарӣ ва гигиенӣ дар муассисаҳои таълимӣ (шароитҳои бади гигиенӣ дар ҳоҷатхонаҳо), дар муассисаҳои хӯроки умумӣ, дар муассисаҳои фарҳангӣ ва маишӣ, дастрасии нокифояи аҳолӣ ба оби нӯшокии босифат, ба ҳисоб меравад.

Сабаби дигари афзоиши бемории гелминтоз, ба беҳтар шудани сатҳи муайян намудани чунин беморӣ аз тарафи муассисаҳои тиббӣ, алоқаманд мебошад.

*Ҷадвали №38. Динамикаи бемориҳои сироятӣ дар байни аҳолии шаҳри Истаравшан. (бо промилле)*

| Нишондиҳанда | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Шумораи ба қайд гирифташудаи бемории сил | 312 | 314 | 312 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 1,4 | 1,4 | 1,6 |
| Гелминтоз | 1273 | 1504 | 1878 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 58,3 | 68,2 | 85,1 |
| Шумораи ба қайд гирифташудаи ҳодисаҳои бемории ВМНО/БНММ | 3 | 3 | 3 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 64,1 | 62,6 | 61,3 |
| Шумораи ба қайд гирифташудаи ҳодисаҳои газидани ҳайвонот | 381 | 340 | 417 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 1,7 | 1,5 | 1,8 |
| Шумораи ба қайд гирифташудаи ҳодисаҳои дарунравӣ | 30 | 14 | 37 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 0,13 | 0,06 | 0,16 |
| Шумораи умумии аҳолӣ | 220552 | 225228 | 232151 |

Соли 2010 дар шаҳри Истаравшан 21 ҳодисаи сирояти бемории ВМНО/БНММ (ё 0,01%) ба қайд гирифта шудааст. Тибқи иттилои мутахассисон, зиёд шудани ҳолатҳои бемории мазкур, асосан ба муҳоҷирати беруна алоқаманд мебошад. Бояд қайд намуд, ки аз ҳисоби сатҳи баланди муҳоҷират, имконияти хатари интиқоли бемориҳои сироятӣ вуҷуд дорад. Ҳамчунин дар байни аҳолии шаҳр гирифтор гаштан ба бемориҳои рагҳои дил, бемориҳои баланд шудани фишори хун ва бемории саратон низ хеле паҳншуда буда, солҳои охир бисёртар дар байни ҷавонон ва миёнсолон ба назар мерасад.

Солимии рӯҳии аҳолӣ, яке аз мушкилиҳои муҳими имрӯза ба ҳисоб меравад, зеро ҳодисаҳои худкушӣ дар байни аҳолӣ, бахусус дар байни ҷавонон зиёд шудааст.

***Инфрасохтори соҳаи тандурустӣ.*** Бо вуҷуди зиёд шудани трансфертҳои буҷетӣ ба соҳаи тандурустӣ, дар шаҳри Истаравшан мушкилиҳои зиёди ҳал нашудаи инфрасохторӣ, аз ҷумла таъмири асосии муассисаҳои КАТС ва хадамоти госпиталӣ (аз ҷумла дар марказҳои саломатии №2, Яккабоғ, Вагат, Чорқурғон, Балгарӣ, Қалъачаи Бакавул, Ваҳдат ва шаҳрчаи Истаравшан) ва сатҳи пасти муҷаҳҳазнокии муассисаҳои тандурустӣ бо таҷҳизоти замонавӣ, мавҷуданд.

Айни замон ба аҳолии шаҳри Истаравшан муассисаҳои зерини тандурустӣ хизмати тиббӣ мерасонанд: беморхонаи марказии шаҳри Истаравшан дорои 620 кат (аз ҷумла, таваллудхонаи дорои 100 кат, 5 адад таваллудхонаҳои дар деҳот воқеъгардида, шӯъбаи шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ ва 3 шӯъбаи деҳотии ёрии таъҷилии тиббӣ), 3 беморхона воқеъ дар ҷамоатҳои деҳоти Лакат, Чорбоғ ва Нофароҷ, 1 беморхонаи

касалиҳои сироятӣ, 2 маркази саломатии шаҳрӣ, 15 марказҳои саломатии деҳот ва 29 хонаи саломатӣ.

Дар маҷмӯъ дар шаҳру деҳоти Истаравшан 75 муассисаи тиббии хурду калон бо фарогирии 945 кати табобатӣ фаъолият мебаранд.

Муассисаҳои соҳаи тандурустӣ асосан аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд. Дар назар аст, ки зимни гузариши соҳаи тандурустӣ ба низоми маблағгузории сарикасӣ, дар доираи "Стратегияи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020", сатҳ ва сифати хизматрасониҳои тиббӣ беҳтар шуда, барои аҳолӣ дастрастар мегарданд.

*Ҷадвали №39. Сатҳи маълумотнокии кормандони КАТС дар шаҳри Истаравшан*

| Муассисаҳо | Шумораи кормандон | Дорои маълумоти миёнаи махсус | Дорои маълумоти олӣ |
|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 528 | 301 | 132 |
| Бо (%) ифодашуда | 100 | 57 | 25 |

Таҳлилҳо собит намуданд, ки айни замон дар шаҳр низоми самараноки ҳавасмандгардонии кормандони тиб, хусусан барои кор дар деҳот, мавҷуд нест ва ин ҳолат боиси норасогии кормандони тиббии соҳибхтисос гаштааст. Ҳоло муассисаҳои соҳаи тиббии шаҳр ба мутахассисони тиббии бахшҳои мухталиф, аз ҷумла ба 2 нафар асабшинос, 4 нафар дилшинос, 2 нафар саратоншинос, 2 нафар нейрохирург, 3 нафар педиатр, 2 нафар гематолог, 1 нафар дерматолог ва 10 нафар корманди ташхисгоҳ ниёз доранд. Дар соли 2010 дар шаҳри Истаравшан музди миёнаи меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ 184,3 сомониро (соли 2008 музди меҳнати кормандони соҳа 107 сомонӣ ва соли 2009 музди меҳнат 145 сомонӣ буд) ташкил дод.

***Иштироки ҷомеаҳо дар беҳтар намудани саломатӣ.*** Дар ҳалли масоили солимии аҳолӣ, иштироки фаъолонаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ ба назар мерасад. Солҳои охир бо дастгирии соҳибкорону шахсони саховатпешаи шаҳри Истаравшан корҳои зиёде бобати таъмиру тармим ва муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои тандурустӣ амалӣ гардиданд. Чунончӣ, дар ҷамоати деҳоти Қалъаи Баланд бо дастгирии соҳибкори маҳаллӣ хонаи саломатӣ ва таваллудхона ба истифода дода шуд.

Аз ҷониби ширкати "Авис плюс" маркази табобатӣ ва ташхисӣ сохта шуд ва бо тамоми таҷҳизоти муосир муҷаҳҳазгардонида шуда мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Дар деҳаи Сепулаи ҷамоати деҳоти Пошкент аз ҷониби соҳибкорон таъмири куллии маркази саломатӣ гузаронида шуд.

Ба ин нигоҳ накарда, маълумотнокии аҳолӣ оид ба масъалаҳои машғул гаштан ба тарзи ҳаёти солим ва пешгирии бемориҳои аз лиҳози иҷтимоӣ муҳим, дар сатҳи паст қарор дорад.

**Хонаи бачагон.** Дар ҳудуди шаҳри Истаравшан як хонаи бачагон мавҷуд аст, ки он дар ҷамоати деҳоти Коммунизм ҷойгир шуда, зери тобеияти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Дар муассисаи мазкур 22 нафар бачагон аз оилаҳои ятим, аз оилаҳои модарони танҳодошта, волидайнашон гирифтори касалии рӯҳӣ буда ва аз оилаҳои камбизоат, таълиму тарбия мегиранд. Бинои асосии муассисаи мазкур кӯҳна ва фарсуда буда, (солҳои 50-уми асри гузашта сохта шудааст), заруриятии азнавсозии он ҷой дорад. Инчунин, зарурияти харидории таҷҳизоти нав (мизу курсӣ, кат ва ғ.) ва дар саҳни он сохтани майдончаи варзишӣ вуҷуд дорад. Дар муассисаи мазкур 6 мураббия, 6 ҳамшираи шафқат ва 6 парастор ба таълиму тарбияи кӯдакон машғуланд. Маблағгузории муассиса аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва шахсони саховатпеша ба роҳ монда шудааст.

*Ҷадвали №40. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи тандурустӣ дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 . баҳодиҳӣ | Дурнамо | Параметрҳои дурнамо | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Шумораи кати беморхонаҳо (ҳазор кат) | 975 | 975 | 975 | 890 | 890 | 85 |
| Иқтидори муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳи (ҳазор қабул дар як баст) | 1170 | 1170 | 1170 | 1400 | 1400 | 112 |
| Миқдори муассисаҳои тиббӣ (воҳид) | 60 | 60 | 60 | 63 | 63 | 103 |
| Миқдори хонаҳои табби (воҳид) | 43 | 43 | 43 | 46 | 46 | 103 |
| - аз ҳисоби хочагидори амалкунанда | | | | | | |
| - клиникаҳои (беморхонаҳои) хусуси | 5 | 5 | 5 | 7 | 7 | 140 |
| - муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳҳои хуссуси | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 100 |
| Шумораи кормандони тибби (ҳазор нафар) | 1720 | 1720 | 1800 | 1880 | 1960 | 113,9 |
| аз он чумла: | | | | | | |
| Духтурон | 362 | 362 | 362 | 370 | 370 | 102,2 |
| кормандони миёнаи тибби | 1358 | 1358 | 1438 | 1510 | 1590 | 117,1 |
| Миқдори чой дар хонаҳои кӯдакон (чой) | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | 100 |
| Миқдори чой дар хонаҳои пиронсолон ва маъюбон (чой) | 25 | 25 | 25 | 25 | 25 | 100 |
| Таъминот барои 10 ҳазор аҳоли: | | | | | | |
| бо катҳо дар беморхонаҳо (кат) | 42 | 40 | 40 | 35 | 34 | 81 |
| бо духтурон (нафар духтур) | 15,6 | 15,1 | 14,7 | 14,6 | 14,1 | 90 |
| бо кормандони миёнаи тибби (нафар к.м.т.) | 56,9 | 55,4 | 53,8 | 54,1 | 52,4 | 92 |
| бо муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳи (қабул дар як баст) | 117 | 117 | 117 | 140 | 140 | 112 |

## 2.3.2 МАОРИФ

***Сатҳи умумии таҳсилот***. Дар давоми солҳои охир баландшавии сатҳи умумии тахассусии маорифчиёни шаҳру деҳоти Истаравшан, бахусус занони омӯзгор, мушоҳида мегардад.

*Ҷадвали №41. Сатҳи маълумотнокии омӯзгорон дар соҳаи маорифи шаҳри Истаравшан*

| Сол | 2009 | | 2010 | |
|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Аз он чумла занон | Ҳамагӣ | Аз он чумла занон |
| Маълумоти олӣ | 1891 | 747 | 1902 | 746 |
| Миёнаи касбӣ | 447 | 312 | 324 | 200 |
| Миёнаи асосӣ | 157 | 108 | 157 | 100 |

Сатҳи таҳсилот дар муассисаҳои маорифи шаҳри Истаравшан, асосан маълумоти миёнаи умумӣ мебошад.

***Маълумоти томактабӣ.*** Таҳлили маълумотҳои расмии оморӣ нишон медиҳад, ки дар шаҳри Истаравшан шумораи умумии кӯдакони синни томактабӣ солҳои охир тақрибан 29,4 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, вале фарогирии кӯдакон бо муассисаҳои томактабӣ ҳамагӣ 3,7% мебошад.

Айни замон, дар шаҳри Истаравшан 8 боғчаи бачагона бо фарогирии умумии 1045 нафар кӯдакон фаъолият менамоянд, аммо дар муассисаҳои томактабии мазкур норасогии шадиди ҷой ба назар мерасад.

Аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ ҷиҳати қисман ҳал намудани масъалаи норасогии ҷой дар муассисаҳои томактабии шаҳри Истаравшан ва фарогирии кӯдакони синни томактабӣ соли 2010 муассисаи хусусии томактабии №8 (дар назди маҷмааи "Садбарг") мавриди истифодабарӣ қарор гирифт, ки дар он 40 нафар кӯдакон, аз ҷумла 7 нафар духтарон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Айни замон, кор дар самти эҳёи фаъолияти муассисаҳои томактабие, ки дар назди ташкилоту корхонаҳо солҳои пеш фаъолият доштанд, идома дошта, дар назар аст, ки то охири соли 2014 фаъолияти 3 муассисаи томактабӣ аз нав оғоз мегардад. Инчунин, дар шаҳр таъсиси муассисаҳои томактабии хусусии дигар низ ба нақша гирифта шудаанд.

*Ҷадвали №42. Миқдори ҷой дар муассисаҳои томактабӣ дар солҳои 2008-2010*

| № | Номгӯи муассисаиҳои томактабӣ | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2008 | | | 2009 | | | 2010 | | |
| | | Ҳамагӣ, нафар | писарон | даухарон | Ҳамагӣ, нафар | писарон | духтарон | Ҳамагӣ, нафар | писарон | духтарон |
| | №1 | 100 | 85 | 15 | 100 | 78 | 22 | 92 | 62 | 30 |
| | №2 | 50 | 35 | 15 | 30 | 10 | 20 | 50 | 34 | 16 |
| | №3 | 302 | 199 | 103 | 257 | 166 | 91 | 295 | 191 | 104 |
| | №4 | 131 | 88 | 43 | 134 | 90 | 44 | 120 | 72 | 48 |
| | №5 | 227 | 132 | 95 | 218 | 98 | 120 | 213 | 116 | 97 |
| | №6 | 220 | 127 | 92 | 170 | 90 | 80 | 175 | 100 | 75 |
| | №7 | 55 | 34 | 21 | 55 | 37 | 18 | 60 | 37 | 23 |
| | №8 | | | | | | | 40 | 33 | 7 |
| | Ҳамагӣ: | 1085 | 701 | 384 | 964 | 569 | 395 | 1045 | 645 | 400 |

Ҳолати заминаи инфрасохторӣ ва таъминоти техникии боғчаҳои кӯдакон ба талаботи ҳозиразамон пурра ҷавобгӯй набуда, шабакаи гармидиҳӣ, хатҳои таъминоти оби нӯшокӣ ва ташноб (аз сабаби набудани маблағ корҳои таъмирӣ гузаронида нашудаанд) дар ҳолати корношоям қарор доранд. Инчунин, дар муассисаҳои соҳа, норасоии катҳо, мизу курсиҳо ва бистару бозичаҳо мушоҳида шуда, масъалаи харидории компютер ва дигар таҷҳизотҳои замонавӣ бояд мавриди баррасӣ қарор гиранд. Мушкилиҳои ҷойдошта боиси паст шудани фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ мегарданд, зеро дар фасли зимистон аз сабаби мавҷуд набудани низоми



зарурии гармидиҳӣ (бино бо воситаи печӣ оҳанин гарм карда мешавад), мӯътадил сохтани ҳарорати дохили биноҳои муассисаҳои томактабӣ душвортар мегардад ва ин ба сатҳи иштирок дар боғчаҳо дар ин мавсими сол таъсири манфии худро мерасонад. Бояд қайд намуд, ки зери таъсири омилҳои зикргардида сатҳи иштироки кӯдакон дар муассисаҳои томактабии шаҳри Истаравшан то 20% паст мегардад.

**Маълумоти мактабӣ**. Дар ҳудуди шаҳри Истаравшан 70 муассисаи таълимӣ амал менамояд, ки дар онҳо 50782 нафар хонандагон бо таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Аз ҷумла, 1 мактаби ибтидоӣ бо фарогирии 126 нафар хонанда, 2 мактаби таҳсилоти асосӣ бо фарогирии 834 нафар хонанда, 56 мактаби таҳсилоти миёна бо

фарогирии 19975 нафар хонанда, 5 гимназия бо фарогирии 3656 нафар хонанда, 2 литсей бо фарогирии 980 нафар хонанда, 1 мактаб интернати кӯдакони ятим бо фарогирии 97 нафар хонанда, 1 гимназияи ғайридавлатӣ бо фарогирии 114 нафар хонанда ва 2 мактаби варзишии бачагон ва наврасон бо фарогирии 1000 нафар хонанда ба таълиму тарбия машғуланд. Таълим дар мактабҳои шаҳр, асосан бо забонҳои тоҷикӣ, узбекӣ ва русӣ гузаронида мешавад.

*Ҷадвали №43. Шумораи хонандагон дар муассиссаҳои маълумоти умумии шаҳри Истаравшан*

| Соли хониш | 2007-2008 | | | | 2008-2009 | | | | 2009-2010 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Синфҳо | Ҳамагӣ. нафар | писарон | духтарон | % духтарон | Ҳамагӣ, нафар | писарон | духтарон | % духтарон | Ҳамагӣ, нафар | писарон | духтарон | % духтарон |
| Синфҳои 1-4 | 20819 | 10728 | 10091 | 48,5 | 20560 | 10627 | 9933 | 48,3 | 21764 | 10736 | 9959 | 48,1 |
| Синфҳои 5-9 | 24043 | 12328 | 11715 | 48,7 | 24648 | 12674 | 11974 | 48,6 | 24925 | 12716 | 12209 | 49,0 |
| Синфҳои 10- 11 | 3579 | 2214 | 1365 | 38,2 | 3878 | 2214 | 1664 | 42,9 | 4093 | 2350 | 1743 | 42,6 |
| Ҳамагӣ: | 48441 | 25270 | 23171 | 47,8 | 49086 | 25515 | 23571 | 48,0 | 50782 | 25802 | 23911 | 48,1 |

Дар соли хониши 2009-2010 аз ҳисоби маблағҳои худии соҳибкорон дар маркази шаҳри Истаравшан Гимназияи ғайридавлатӣ барои 150 ҷойи нишаст, ташкил карда шуд.

Зиёд шудани шумораи хонандагон таи солҳои охир, бевосита ба болоравии сатҳи таваллуд дар байни аҳолии шаҳри Истаравшан вобастагӣ дорад (зиёд шудани сатҳи таввалуд аз соли 2003 инҷониб ба назар мерасад).

Аз 50782 нафар шумораи умумии хонандагони макотиби таҳсилоти ҳамагонии шаҳри Истаравшан 28412 нафар хонандагон дар басти якум, 21664 нафар хонандагон дар басти дуюм ва 706 нафар хонандагон дар басти сеюм дарс мехонанд. Дар 6 мактаби шаҳри Истаравшан 706 нафар хонандагон бо сабаби кам будани шумораи синфхонаҳо дар басти сеюм дарс мехонанд.

*Ҷадвали №44. Маълумот оид ба талабот ба синфхонаҳои иловагӣ дар шаҳри Истаравшан барои мактабҳое, ки таълим дар соли хониши 2010-2011 дар 3 баст идома дорад*

| № б/т | № мактабҳо | Бастнокии мактабҳо | Шумораи хонандагон дар басти 3 | Теъдоди синфҳои басти 3 | Талабот ба | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | миз | курсӣ | тахтаи синф | мизу курсӣ барои муаллимон |
| 1 | №10 | 3 | 126 | 5 | 63 | 126 | 5 | 5 |
| 2 | №12 | 3 | 60 | 2 | 30 | 60 | 2 | 2 |
| 3 | №15 | 3 | 178 | 7 | 89 | 178 | 7 | 7 |
| 4 | №30 | 3 | 186 | 7 | 93 | 186 | 7 | 7 |
| 5 | №36 | 3 | 38 | 2 | 19 | 38 | 2 | 2 |
| 6 | №59 | 3 | 118 | 4 | 59 | 118 | 4 | 4 |
| | Ҳамагӣ: | | 706 | 27 | 353 | 706 | 27 | 27 |

Соҳаи маорифи шаҳри Истаравшан ба сохтмони мактабҳои типи нав ва ба синфхонаҳои иловагӣ ниёз дорад. Барои барҳам додани басти сеюми таълим дар мактабҳои шаҳри Истаравшан, сохтмони 27 синфхонаи иловагӣ зарур мебошад. Бо назардошти гузариш ба низоми 12 солаи таълим, солҳои минбаъда дар соҳаи маорифи шаҳри Истаравшан бояд боз 4,1 ҳазор ҷойи нишаст сохта ба истифода дода шавад.

Иштироки хонандагон умуман дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ 94-97%-ро ташкил медиҳад ва бо сабабҳои маҳдудияти таъмини барқ, дар фасли зимистон ба таври лозима гарм накардани синфхонаҳо, дар масофаи дур ҷойгир будани мактабҳо аз минтақаҳои аҳолинишин ва бад шудани ҳолати роҳҳо дар фаслҳои тирамоҳу зимистон, сатҳи иштирок дар дарсҳо то 90-92% коҳиш меёбад.

Ҳолати мактабҳои мавҷуда ва инчунин таҷҳизоти онҳо ба талаботҳои замонавӣ ҷавобгӯй нест. Дар натиҷаи истифодаи дарозмуддат ва дар солҳои охир нагузаронидани таъмири асосӣ, ҳолати бинои мактабҳо ғайриқаноатбахш мебошанд ва ҳатто як қисми биноҳои мактабҳои шаҳри Истаравшан дар ҳолати садамавӣ қарор доранд. Барои беҳтар намудани фарогирии хонандагон ба муаасисаҳои таълимӣ ва беҳтар намудани сифати таълим, мушкилиҳои муайяне, аз ҷумла паст будани сатҳи дастрасии муассисаҳои таълимӣ ба шабакаи таъмини оби нӯшокии хушсифат ва мавҷуд набудани хатҳои тозаи барқ дар мактабҳо барои таъмини синфхонаҳои технологияҳои иттилоотӣ (компютерӣ) бо барқ, монеагӣ менамоянд.

Дар давоми соли хониши 2010-2011 теъдоди 217 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии шаҳри Истаравшан дар озмунҳои шаҳрӣ, 12 нафар дар озмунҳои вилоятӣ ва 5 нафар дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ сазовори ҷойҳои намоён гардиданд.

***Таълими фарогир (инклюзивӣ).*** Дар шаҳр 12 нафар кӯдакони қобилияташон маҳдуд ба қайд гирифта шудаанд, ки пештар дар муассисаҳои таълимии махсуси назди мактабӣ таълим мегирифтанд ва айни замон таҳсолоти онҳо дар хонаҳои истиқоматии онҳо ташкил карда шудааст.

Дар муассисаҳои таълимии шаҳр раванди баланд шудани сатҳи маълумотнокии ҳайати омӯзгорон ба назар мерасад.

*Ҷадвали №45. Шумораи умумии омӯзгорон дар шаҳри Истаравшан дар солҳои 2007-2010 (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2007 - 2008 | 2008 - 2009 | 2009 - 2010 |
|---|---|---|---|
| Шумораи умумӣ | 2663 | 2609 | 2602 |
| аз он ҷумла занон | 1130 | 1230 | 1193 |
| Бо маълумоти олӣ | 1903 | 1891 | 1902 |
| аз он ҷумла занон | 752 | 747 | 746 |
| Бо маълумоти олии нопурра | 115 | 114 | 219 |
| аз он ҷумла занон | 64 | 63 | 147 |
| Бо маълумоти миёнаи махсус | 465 | 447 | 324 |
| аз он ҷумла занон | 314 | 312 | 200 |
| Бо маълумоти умумии миёна | 180 | 157 | 157 |
| аз он ҷумла занон | 115 | 108 | 100 |
| Норасоии кадрҳо (ҷойҳои кории холӣ) | 24 | 10 | 17 |

Муассиаҳои таълимии шаҳри Истаравшан бештар ба омӯзгорони фанҳои забони русӣ, математика, кимиё, биология, риёзӣ (алгебра), физика, технологияҳои информатсионӣ ва забонҳои хориҷӣ ниёз доранд.

Набудани шароити иҷтимоӣ, бахусус дар деҳот, боиси аз кор рафтани омӯзгорони ботаҷриба гардида истодааст. Аз ҷумла, таи солҳои 2008-2010 муассисаҳои таълимии шаҳрро 109 нафар муаллимони ботаҷриба тарк намуда, ба дигар корҳои музди меҳнаташ баланд ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд. Мушкилиҳое мавҷуданд, ки сабаби асосии аз тарафи омӯзгорон тарк гаштани муассисаҳои таълимӣ мегарданд. Аз ҷумла, 22 нафар омӯзгорон бинобар паст будани сатҳи музди меҳнат, 15 нафар омӯзгорон аз рӯи иваз шудани ҷойи зист, 5 нафар омӯзгорон бо сабаби норасогии соатҳои таълимӣ, 1 нафар омӯзгор бинобар набудани манзили зист ва 66 нафар омӯзгорон бо сабабҳои дигар муассисаҳои таълимиро тарк намудаанд.

Тибқи ислоҳоти соҳаи маориф, аз соли 2010 инҷониб, ҳамаи мактабҳои шаҳри Истаравшан ба низоми маблағгузории сарикасӣ гузаштанд.

Дар асоси барномаи компютерикунонии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, мактабҳои шаҳри Истаравшан бо компютерҳо таъмин гардида истодаанд. Айни ҳол,

дар тавозуни муассисаҳои таълимии шаҳри Истаравшан 861 компютер мавҷуд мебошад, яъне 1 компютер ба 23,2 нафар хонанда рост меояд, ки ин аз меъёри муқарраршуда (аз меъёри як компютер ба 20 нафар хонанда, ки фанни технологияи иттилоотӣ меомӯзанд) кам мебошад. Бояд қайд намуд, ки айни ҳол, мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии №4, №7, №32, №51, Литсейи №1, Гимназияҳои №3, №4 ва №5–и шаҳри Истарафшан ба шабакаи интернет дастрасӣ доранд.

Дар аксарияти мактабҳо таҷҳизоти синфхонаҳо кӯҳнаю фарсуда гаштаанд. Барои беҳтар намудани сифати таълим ва таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо лавозимот ва таҷҳизоти хониш, харид намудани 1500 адад миз, 3000 адад курсӣ, 70 адад тахтаи синфӣ, 70 адад ҷевони китоб, 100 адад миз барои муаллимон ва 245 адад компютер зарур ва мувофиқи мақсад мебошад.

Аз рӯи маълумоти расмии оморӣ, соли 2010 дар шаҳри Истаравшан 7991 оилаи камбизоат ба қайд гирифта шудааст. Камбизоатии оилаҳо ба сатҳи фарогирии хонандагон аз чунин оилаҳо ба мактаб, таъсири манфӣ мерасонад ва барои гирифтани маълумоти умумии ибтидоӣ мушкилоти зиёдро ба вуҷуд меорад. Зеро волидайни оилаҳои камбизоат на ҳама вақт қодир ҳастанд, ки кӯдакони худро бо маводи зарурии таълим ва либос таъмин намоянд.

***Маълумоти берун аз мактабӣ.*** Дар шаҳри Истаравшан 3 Маркази маълумоти иловагӣ, мактаби варзишии бачагон ва наврасони ба номи А.Қодиров ва мактаби варзишии бачагон ва наврасони №1 фаъолият доранд.

Дар муассисаҳои таълимии шаҳри Истаравшан 137 маҳфилҳои гуногун, аз ҷумла, маҳфилҳои кандаккорӣ, рассомӣ, рақсу суруд, дуредгарӣ, омӯзиши компютерӣ ва техникҳои ҷавон, бо фарогирии 2804 нафар хонанда (аз ҷумла, 1162 нафар духтарон) амал менамоянд. Дар муассисаҳои мазкур 179 нафар омӯзгорон ва мураббиён кор ва фаъолият менамоянд.

*Ҷадвали №46. Муассисаҳои таҳсилоти берун аз мактабии шаҳри Истаравшан*

| Муассисаҳои таҳсилотии берун аз мактабӣ | Шумораи хонанда-гон | Ҳайати омӯзгорон ва мураббиён | Норасоии мутахассисон | Маҳфилҳо ва сексияҳо | Мушкилот |
|---|---|---|---|---|---|
| 3 адад марказ-ҳои маълумоти иловагии шаҳри Истаравшан | 592/238 духтарон | 20/6занон | 2 | 21 | Бинои муассисаҳо ба таъмири умумӣ ниёз дошта, дар онҳо таҷҳизоти таълимӣ намерасад. |
| Мактаби варзишии бачагона ва наврасони №1. | 600/12 духтарон | 22 | 2 | 5 | Муассисаҳо ба таъмири куллӣ ниёз доранд. Ҳолати бади ташкилии майдонҳои варзишӣ ва ҷойҳои нишаст, набудани ҳаммом, толори варзишӣ ва ба таври лозима таъмин нагардидани таҷҳизоти варзишӣ, сатҳи пасти ҳавасмандии мутахассисон. |
| Мактаби варзишии бачагона ва наврасони ба номи А.Қодиров | 400 | 13 | 1 | 4 | |

***Маълумоти миёнаи махсус.*** Дар шаҳри Истаравшан Омӯзишгоҳи касбию техникии №14 фаъолият дорад, ки он дар миқёси шаҳр, ягона муассисаи тайёр намудани мутахассисони миёнаи касбӣ мебошад. Муассиса соли 1948 ташкил шуда, дар тобеияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Дар солҳои 1990-ум дар омӯзишгоҳ қариб то 350 нафар толибилмон таҳсил менамуданд. Ҳоло бошад, барои омӯзиш ва тайёрии тахассусии 314 нафар донишҷӯён (аз он ҷумла 126 нафар духтарон) дар 16 гурӯҳ, 37 омӯзгорон (аз он ҷумла 16 занон) фаъолият менамоянд.

Бахшҳои асосиии омодасозии мутахассисон дар омӯзишгоҳ: кафшергари барқию газӣ, устои кандакори чӯб, рассом-ороишгар, дуредгар, челонгар-ронандаи автомобил, омӯзиши компютер ва интернет-технология, дӯзанда ва муҳосиб ба шумор меравaнд.



Мавриди зикр аст, ки бинои омӯзишгоҳ ба таъмири асосӣ ниёз дошта, китобҳои дарсӣ, таҷҳизотҳои мавҷуда ва устохонаҳои омӯзишӣ ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ нестанд.

**Коллеҷи ҳунарҳои мардумӣ.** Соли 2009 бо мақсади эҳё ва нигоҳдории ҳунарҳои мардумӣ, Коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан таъсис дода шуд. Муассисаи мазкур дар тобеияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Айни замон, дар он барои омӯзиш ва тайёрии тахассусии 115 нафар донишҷӯён (аз он ҷумла 30 нафар духтарон), дар 16 гурӯҳ, аз рӯйи 9 ихтисос, 14 устоди касбӣ ва 18 муаллими фаннӣ (аз он ҷумла 5 нафар зан) фаъолият менамоянд. Соҳаҳои асосиии омодасозии мутахассисон дар колеҷ: гаҷкорӣ, наққошӣ, мисгарӣ-карнайсозӣ, оҳангарӣ-кордсозӣ, кулолӣ-аҷубасозӣ, зардӯзӣ, кашидадӯзӣ, қолинбофӣ ва кандакорӣ мебошанд.

*Ҷадвали №47. Мушкилиҳои иншоотҳои соҳаи маорифи шаҳри Истаравшан*

| Мушкилотҳо | Муассисаҳои таълимӣ |
|---|---|
| Муассисаҳои томактабӣ | |
| Бохчаҳои бачагонае, ки ба таъмир эҳтиёҷ доранд. | Бохчаҳои бачагонаи №№ 1, 2, 4, 5, 8 ва 11. |
| Мактабҳо | |
| Биноҳояшон ба таъмири ҷорӣ ниёз доранд | №№ 1,2, 3, 4, 5, 7, 8, 12, 21, 25, 26, 28, 29, 30, 31, 35, 39, 40 ва 43. |
| Норасогии синфхонаҳо | №№ 15, 20, 21, 24, 29, 40 ва 52 |
| Мактабҳои сохтмонашон нотамом. | №№ 15, 20, 24 ва 40 |
| Боми мактабҳое, ки таъмирталаб мебошанд. | №№ 43, 47, 49, 50, 51 ва 62 |
| Ба бунёди толори варзиш ниёз доранд. | 7, 9, 10, 12, 13, 14, 15, 16, 19, 20, 21, 23, 24, 25, 26, 29, 30, 31, 33, 34, 35, 38, 40, 41, 44 ва 47. |
| Ошхона надоранд. | 6, 7, 9, 10, 12, 13, 14, 16, 23, 24, 27, 45, 46. |
| Хати таъмини об надоранд. | Аксарияти мактабҳои ҷамоатҳои ҳудуди шаҳри Истаравшан |
| Набудани синфхонаҳои махсуси омӯзиши фанҳои физика, кимиё, таълими меҳнат ва тайёрии ибтидоии ҳарбӣ. | Дар аксарияти мактабҳо. |
| Ба таъмири системаи гармидиҳӣ эҳтиёҷ доранд. | №№ 1, 2, 5, 8, 17, 37, 39, 42, 43, 46, 47, 48, 49. |

*Ҷадвали №48. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи маориф дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | Параметрҳои дурнамо | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013г. | с.2014 | с.2015 | |
| Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактаби новобаста аз шакли моликият (ҳазор нафар) | 1045 | 1000 | 1050 | 1150 | 1250 | 109,6 |
| Шумораи кӯдакони синни томактабӣ | 35000 | 35500 | 36200 | 37000 | 38000 | 108,6 |
| Шумораи кӯдакони синни мактабӣ | 52700 | 54000 | 55500 | 56300 | 57500 | 109,1 |
| Миқдори чойҳо дар муассисаҳои томактаби (ҳазор чой) | 1225 | 1225 | 1270 | 1300 | 1350 | 110,2 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ – ҳамаги (ҳазор нафар) | 51397 | 51962 | 52790 | 53483 | 54188 | 105,4 |
| аз он чумла - дар мактабҳои рӯзонаи таҳсилоти умумӣ | 51397 | 51962 | 52790 | 53483 | 54188 | 105,4 |
| аз он чумла хусусӣ | | | | | | |
| - литсейҳо | 1018 | 1151 | 1266 | 1198 | 1282 | 126,0 |
| аз он чумла хусусӣ | | | | | | |
| - гимназияҳо | 3934 | 3935 | 3974 | 4027 | 4067 | 103,4 |
| аз он чумла: хусусӣ | 163 | 233 | 284 | 369 | 398 | 244 |
| Дар муассисаҳои шабонаи таҳсилоти умумӣ (ҳазор нафар) | --- | --- | --- | --- | --- | --- |
| Шумораи хонандагон дар басти якуми муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона (ҳазор нафар) | 29912 | 31420 | 31734 | 32072 | 32392 | 108,3 |
| Шумораи муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона (ҳазор нафар) | 2622 | 2648 | 2670 | 2730 | 2800 | 106,8 |
| Шумораи муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумии шабона | | | | | | |
| Таъмин будан: | | | | | | |
| бо муассисаҳои томактаби ба 1000 кӯдакони синни томактаби (чой) | 1220 | 1220 | 1158 | 1130 | 1080 | 88,5 |
| бо муассисаҳои таҳсилоти умуми барои 1000 бачагони синни мактаби (чой) | 582 | 604 | 598 | 600 | 597 | 102,7 |

### 2.3.3 Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Низоми таъминоти нафақа, шуғли аҳолӣ, муҳоҷират, расонидани кӯмаки суроғавӣ ба табақаҳои осебпазир ва камбизоати аҳолӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти соҳаи ҳифзи иҷтимоии шаҳри Истаравшан мебошанд.

***Бекорӣ.*** Воқеан яке аз масъалаҳои рӯзмара, ки имрӯз диққати тамоми ҷомеаро ба худ ҷалб намудааст, аз байн бурдани сатҳи бекорӣ мебошад.

*Ҷадвали №49. Сатҳи бекорӣ дар шаҳри Истаравшан*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 |
| Аҳолии қобили меҳнат (ҳазор нафар) | 120,0 | 121,5 | 124,0 |
| Бекорони расман бақайд гирифташуда (нафар, %) | 895 (1,45%) | 955 (0,96%) | 1025 (1,12%) |

Аз рӯи ахбороти Агентии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати шаҳри Истаравшан, соли 2010 дар шаҳр ҳамагӣ 1025 нафар бекорон ба қайд гирифта шудаанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар асл сатҳи бекорӣ аз рақамҳои нишондодашуда ба куллӣ фарқ мекунад ва нишондиҳандаҳои бекорӣ дар сатҳи баландтар қарор доранд.

Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли шаҳри Истаравшан 124 ҳазор нафарро ташкил менамояд ва аз он 75,8 ҳазор нафар дар соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт фаъолият менамоянд.

Соли 2010 барои бо ҷои кор таъмин намудани бекорон, дар шаҳр аз тарафи ташкилоту муассисаҳои амалкунда 2,5 ҳазор ҷойи корӣ пешниҳод карда шуда бошад ҳам, сифати ҷойҳои кории пешниҳодгардида, талаботи бекоронро таъмин карда наметавонад.

Дар аксарияти ҳолатҳо сатҳи музди меҳнати ҷойҳои кории пешниҳодшуда паст мебошад ва ин омил сабаби асосии паст шудани ҳавасмандии бекорон мебошад. Мутаассифона аз сабаби паст будани сатҳи музди меҳнат ва мавҷуд набудани дигар шароитҳои иҷтимоӣ, қисми зиёди бо кор таъминшудагон, ҷойҳои кориро тарк намуда, ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд.

Ҳамзамон, тавассути раёсати Агентии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати шаҳри Истаравшан, дар доираи "Барномаи минтақавии бо кор таъмин намудани аҳолии шаҳри Истаравшан дар солҳои 2010-2011", дар соли 2010-ӯм 416 нафар сокинони шаҳр бо ҷойҳои гуногуни корӣ таъмин гардиданд.

Яке аз мушкилиҳои соҳа, мавҷуд набудани бинои алоҳидаи раёсати Агентии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати шаҳри Истаравшан мебошад ва айни замон он дар бинои хобгоҳи ОКТ №14 ҷойгир мебошад.

***Ҷойҳои корӣ ва музди меҳнат.*** Тибқи ҳисоботи оморӣ, дар соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти шаҳри Истаравшан 22,6 ҳазор нафар амалан бо кор таъмин мебошанд. Гарчанде дар давоми солҳои 2008-2010 болоравии сатҳи музди миёнаи меҳнат дар шаҳр 20,4 % (аз 142 то 170,9 сомонӣ), аз ҷумла, дар соҳаҳои саноат (557,2 сомонӣ), тандурустӣ (184,3 сомонӣ), маориф (206,4 сомонӣ) ва дар соҳаи нақлиёт (137,5 сомонӣ) ба назар расад ҳам, вале раванди гузаштани кормандони буҷавӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ бештар шудааст. Тафовути музди маоши кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ ва тиҷоратӣ дар шаҳри Истаравшан хело ҳам назаррас мебошад.

***Муҳоҷирати меҳнатӣ.*** Тибқи маълумоти мавҷуда, айни замон тақрибан 8,9 ҳазор нафар сокинони шаҳру деҳоти Истаравшан, аз ҷумла 141 нафар занон, дар муҳоҷирати меҳнатӣ (тақрибан 95%-и меҳнатӣ дар Федератсияи Руссия) қарор доранд.

Воқеан, айни ҳол муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз сарчашмаҳои асосии даромади оилаҳои шаҳри Истаравшан ба ҳисоб рафта, тибқи ахбороти расмӣ дар соли 2010 ба муассисаҳои молиявии шаҳри Истаравшан аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳамагӣ ба миқдорӣ 363,9 млн сомонӣ маблағ ворид гардидааст.

*Ҷадвали №50. Муҳоҷирати аҳолии қобили меҳнати шаҳри Истаравшан*

| Сол | Аҳолии қобили меҳнат, (ҳазор нафар) | Муҳоҷирони меҳнатӣ, (ҳазор нафар) | %-и муҳоҷирон аз аҳолии қобилияти корӣ дошта |
|---|---|---|---|
| 2008 | 120,0 (61,6 зан) | 7,8 (0,432 зан) | 6,5 (0,6% зан) |
| 2009 | 122,5 (62,8 зан) | 7,5 (0,220 зан) | 6,1 (0,3% зан) |
| 2010 | 124,0 (63,6 зан) | 8,9 (0,141 зан) | 7,2 (0,2% зан) |

Теъдоди зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ ба Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Қирғизистон, асосан барои иҷрои корҳои сохтмонӣ ва кишоварзӣ мераванд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар баробари тарафҳои мусбат (баланд шудани дараҷаи малакаи корӣ, васеъ шудани ҷаҳонбинӣ, беҳтар шудани шароити иҷтимоӣ ва ғ.), оқибатҳои манфӣ низ дорад, аз ҷумла, кам шудани теъдоди аҳолии қобили меҳнат, аз кор рафтани мутахассисони баландихтисос, аз тарбия дур мондани кӯдакони волидайнашон дар муҳоҷират буда ва бад шудани саломатии муҳоҷирони меҳнатӣ ( муҳоҷирон дар муҳоҷират дар шароитҳои мушкил зиндагонӣ мекунанд).

**Муҳоҷирати дохилӣ.** Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009 №530 "Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2010-2012" барои шаҳри Истаравшан нақшаи алоҳидаи муҳоҷирати дохилӣ пешбинӣ гардидааст. Дар ин самт, инчунин таҳияи нақшаи генералӣ барои сохтмони маҳаллаҳои нав дар ҳудуди шаҳр ва сохтмони хатҳои инфрасохторию муҳандисӣ ва ба ин васила, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ пешбинӣ шудааст.

**Табақаи осебпазири аҳолӣ.** Маблағе, ки аз буҷети шаҳр барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷудо карда мешавад, асосан барои пардохти кӯмакпулии хонандагон (аз оилаҳои камбизоат), кӯмакпулии яквақта барои шахсони дар садамаи Чернобил зарардида, мукофотпулӣ барои Иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, собиқадорони меҳнат ва маъюбони модарзод сарф мегардад. Дар соли 2010 шумораи нафақагирон дар шаҳри Истаравшан 17439 нафарро ташкил намуд, ки он нисбати нишондиҳандаҳои соли 2008-ум 966 нафар ё 5,9% зиёд мебошад. Аз шумораи умумии нафақагирон 4,5% (ё 785 нафар) бо кор машғул мебошанд. Дар шаҳри Истаравшан ба ҳисоби миёна ҳаҷми нафақапулӣ 113,8 сомониро ташкил медиҳад.

Дар ҳудуди шаҳр 3577 нафар нафақаи маъюбӣ ва 1764 нафар нафақаи маъюбӣ (модарзод) аз кудакӣ мегиранд.

Айни ҳол дар шаҳри Истаравшан маъюбон ба 76 аробачаҳои махсус, 104 адад протез, 214 адад асо, 64 адад асбоби шунавоӣ ва 150 адад айнак ниёз доранд.

***Маркази ёрии иҷтимоии ба номи И.Худойназаров***. Маркази мазкур соли 1987 дар шаҳри Истаравшан ташкил шуда, аз 3 шӯъба иборат аст. Айни замон 25 нафар шахсони яккаву танҳо аз ҷониби 41 нафар кормандон (аз ҷумла, 1 нафар духтур, 22 нафар кормандони иҷтимоӣ ва боқимонда кормандони хизматрасон) ба ғамхорӣ фаро гирифта шуда, инчунин 253 нафар тибқи нақшаи тасдиқгардида дар хона аёдат карда мешаванд. Аз шумораи умумии кормандони марказ, 31 нафар занҳо мебошанд. Муассиса аз буҷети маҳаллӣ маблаггузорӣ шуда, асосан маблағҳои ҷудошуда барои пардохти музди меҳнати кормандон ва нигоҳубини пиронсолон сарф мешаванд. Дар соли 2010 аз ҳисоби буҷети маҳаллии шаҳри Истаравшан ба муассисаи мазкур дар ҳаҷми 78,4 ҳазор сомонӣ маблағ гузаронида шудааст.

*Ҷадвали №51. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди захираҳои меҳнатӣ дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2011-2015. (ҳазор нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Захираҳои меҳнатӣ | 128615 | 130309 | 132309 | 135785 | 140300 | 109,1 |
| Шумораи дар иқтисодиёт машғулбудагон – ҳамагӣ | 78740 | 79039 | 79889 | 82295 | 85800 | 108,9 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| дар истеҳсолоти моддӣ | 69719 | 69901 | 70367 | 72485 | 75696 | 108,6 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| Саноат | 2012 | 2075 | 2113 | 2180 | 3270 | 162,5 |
| Кишоварзӣ | 32357 | 32400 | 32690 | 33670 | 34680 | 107,2 |
| Сохтмон | 258 | 264 | 270 | 280 | 300 | 116,3 |
| Нақлиёту алоқа | 455 | 470 | 490 | 505 | 520 | 114,3 |
| Савдо, хӯроки умумӣ, таъминоти моддию техникӣ | 487 | 495 | 504 | 520 | 536 | 110,1 |
| дигар соҳаҳо | 34150 | 34200 | 34300 | 35330 | 36390 | 106,5 |
| дар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ | 9021 | 9138 | 9522 | 9810 | 10104 | 112 |
| Аз шумораи машғулбудагон: | 78740 | 79039 | 79889 | 82295 | 85800 | 108,9 |
| - дар корхонаю ташкилоти бахши давлатӣ | 7968 | 8045 | 8150 | 8394 | 8752 | 109,8 |
| - бахши коллективӣ | 7828 | 7916 | 8024 | 8265 | 8628 | 110,2 |
| - дар корхонаю ташкилотҳо бо шаклҳои гуногуни моликият | 34645 | 34708 | 35055 | 36112 | 37645 | 108,6 |
| - дар бахши хусусӣ (бо назардошти хоҷагии шахсӣ) | 28299 | 28361 | 28660 | 29524 | 30775 | 108,7 |
| Шумораи дар иқтисодиёт машғулнабудагон | 49875 | 51270 | 52420 | 53490 | 54500 | 109,9 |
| Муҳоҷирати меҳнатӣ | | | | | | |
| Шумораи муҳоҷирони меҳнатие, ки берун аз марзи ҷумҳурӣ ҳиҷрат намуданд (ҳазор нафар) | 7980 | 9500 | 10000 | 10250 | 10500 | 131,6 |

*Ҷадвали №52. Нишондиҳандаҳои дурнамои ташкили ҷойҳои нави корӣ дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015г бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби ҳама гуна шаклҳои фаъолият – ҳамагӣ, (ҷои корӣ) аз он ҷумла: | 3775 | 3540 | 3550 | 3560 | 3580 | 94,8 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| -сохтмони нав | 207 | 50 | 55 | 60 | 65 | 31,4 |
| -таҷдид ва васеъкунии корхонаҳои амалкунанда | 2129 | 2475 | 2880 | 2285 | 2200 | 103,3 |
| -барқароркунии иқтидории корхонаҳои аз кор баромада | 39 | 15 | 15 | 15 | 15 | 38,5 |
| -корҳои фардӣ | 1400 | 1000 | 1100 | 1200 | 1300 | 92,8 |

### 2.3.4. Фарҳанг ва варзиш

***Инфрасохтори фарҳангию маишӣ.*** Дар ҳудуди шаҳру деҳоти Истаравшан як зумра иншооту муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ва варзишӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонанд. Айни замон дар шаҳр осорхонаи кишваршиносӣ, осорхонаи доираи адабии Истаравшан, театри мардумӣ, мактаби бачагонаи санъат, 21 муассисаи клубӣ, китобхонаи марказӣ бо 28 филиали дар деҳот фаъолият дошта, китобхонаи бачагона, ансамбли "Шашмақом"-и Истаравшан, 153 ёдгориҳои меъморӣ-таърихӣ ва 101 гурӯҳ ва намудҳои ҳунармандӣ фаъолият доранд.

Ғайр аз ин, дар шаҳри Истаравшан 8 масҷиди ҷомеъ ва 29 адад масҷидҳои панҷвақта, 7 адад қабристонҳо, 21 чойхона, 3 боғи фарҳангӣ ва 4 кинотеатр вуҷуд дорад.

Дар соҳаи фарҳанги ноҳия 57 нафар мутахассисон кор ва фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 24 нафарашон занҳо мебошанд. Музди миёнаи меҳнати кормандони соҳа ба 368 сомонӣ баробар мебошад. Мушкилоти асосии соҳаи фарҳанги шаҳр, таъмирталаб будани бино ва иншоотҳои фаргангӣ, аз ҷумла, бинои осорхонаҳои шаҳр, биноҳои тамоми клубҳои деҳот, китобхонаҳои деҳот ва марказ, фарсуда шудани асбоб ва таҷҳизоти фарҳангӣ (асбобҳои мусиқӣ, баландгуякҳо, либоси театрӣ, таҷҳизоти сабти овоз ва банаворгирӣ), фарсуда гаштани таҷҳизоти осорхонаҳо ва китобхонаҳо (мизу курсӣ, ҷевонҳо ва таҷҳизоти компютерӣ) мебошад. Бояд қайд намуд, ки аз 101 ёдгориҳои меъморӣ - таърихии мавҷуда, 79 тоаш ба таъмири асосӣ ва 19 тоаш ба таъмири ҷорӣ ниёз доранд.

Мактаби бачагонаи санъати шаҳри Истарафшан соли 1963 ташкил шуда, дар бинои 70 сол муқаддам, тариқи ҳашар сохташуда, ки айни ҳол дар ҳолати садамавӣ қарор дорад, ҷойгир мебошад. Дар ин муассиса, аз рӯйи равияҳои асбобҳои миллӣ, най, ғиҷак, рубоб, доира, карнай, аккордеон, санъати сурудхонӣ, фортепиано ва санъати рассомӣ, фаъолият роҳандозӣ гардидааст. Дар муассисаи мазкур 105 нафар толибилмон (аз ҷумла 4 нафар духтарон) таҳсил менамоянд ва ба онҳо 12 нафар устодон (аз ҷумла 2 нафар занон) ҳунар меомӯзанд. Дар оянда ташкил намудани равияҳои рақси миллӣ, кашидани мусаввараҳо ва навохтани чанг дар назар буда, барои амалӣ намудани ин ҳадафҳо, бунёди бинои замонавӣ зарур мебошад. Тибқи ҳисоби пешакӣ, барои сохтмони бинои номбурда тақрибан 2,5 млн сомонӣ маблағ зарур аст.

***Варзиш***. Дар шаҳри Истаравшан 216 адад иншоотҳои варзишӣ, майдончаҳо ва толорҳои варзишӣ, аз ҷумла, 3 варзишгоҳҳои калонҳаҷм, 178 адад майдончаҳои варзишӣ, 24 адад толори варзишӣ, 2 адад ҳавзи шиноварӣ ва10 варзишгоҳҳои хусусӣ, ки дар таххонаи биноҳо мавҷуд мебошанд, мавриди истифодабарӣ қарор доранд.



Варзишгоҳи марказии шаҳри Истаравшан дар тобеияти ҷамъияти саҳомии кушодаи «Суруш» (собиқ фабрикаи кешбофӣ) қарор дошта, солҳои 80-уми қарни гузашта сохта шудааст ва дорои зиёда аз 10 ҳазор ҷойҳои нишаст мебошад. Дар таххонаи варзишгоҳ барои варзишгарон ду сауна, ҳаммом, толори варзиши оммавӣ, утоқҳои корӣ, синфхона ва 4 ҳуҷраи либосивазкунӣ мавҷуд мебошад.

Иншооти варзишии Мактаби варзишии бачагону наврасони №1 дар холати хуб қарор дошта, барои 1000 нафар ҷои нишаст пешбинӣ шудааст (варзишгоҳ соли 1938 сохта шудааст).

Дар толорҳои варзишии мактаби номбурда, дар 5 сексияҳои варзишӣ, 600 нафар ҷавонону наврасон (аз ҷумла, 12 нафар духтарон) ба варзиш машғул мебошанд. Ба онҳо 22 нафар мураббиён, аз ҷумла 7 нафар мураббиёни дараҷаи устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта, таълим медиҳанд. Бинобар зиёд будани шавқу рағбати ҷавонон ба варзиш, имконияти ба сексияҳои мавҷуда ҷалб намудани ҳамаи онҳо айни замон имконнопазир мебошад. Аз ин лиҳоз, бо назардошти ҳалли масъалаи норасогии иншоотҳои варзишӣ, дар соли 2011 ба нақша гирифта шудааст, ки сохтмони толори нави варзишие, ки дар қисми рости муассисаи номбурда идома дорад, ба итмом расонида шуда, он мавриди баҳрабардории ҷавонону варзишгарон қарор ҳоҳад гирифт.

Мактаби варзишии бачагону наврасони ба номи А. Қодиров, дар ҳудуди боғи фароғатии шаҳри Истаравшан воқеъ буда, бинои он соли 1987 сохта шудааст. Мактаб аз 3 майдончаи варзишии барои футболи хурд, баскетбол ва волейбол махсусгардонидашуда, ҳавзи шиноварӣ барои наврасон, бинои варзишӣ барои бокс ва бинои маъмурӣ иборат мебошад. Дар мактаби мазкур, ба 400 нафар ҷавонону наврасон, 13 нафар мурабиён, аз ҷумла 2 нафар мураббиён-дорандагони дараҷаи устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, машқ медиҳанд.

